Мақсади таҳқиқот аз баланд бардоштани эътимоднокии пешгӯии минтақавӣ ва маҳаллии нафтугаздории таҳшинҳои табошири Фарғонаи Ғарбӣ дар асоси меъёрҳои литологӣ-фасиалӣ, палеогеографӣ ва сохторӣ иборат мебошад.

Вазифаҳои таҳқиқот:

- таҳия намудани нақшаи ноҳиябандии литологӣ-фасиалӣ ва палеогеографии ҳудуд;
- муайян кардани нақши равандҳои тектоникӣ дар ташаккули морфологияи сохторҳои чиндор ва таъсири онҳо ба ҷойгиршавии конҳо;
- намудбандӣ (типизатсия)-и резорвуарҳои табиӣ ва муайян кардани қонуниятҳои паҳншавии онҳо;
- мунаққаҳ ва мунтазам намудани номгӯи қабатҳои маҳзании синни табошир ва гузаронидани коррелятсияи онҳо;
- арзёбии дурнамои нафтугаздории маҷмӯи табошир дар асоси маҷмӯи меъёрҳо.

Объекти таҳқиқот – таҳшинҳои табошири Фарғонаи Ғарбӣ дар ҳудуди Тоҷикистони Шимолӣ, бо фарогирии резервуарҳои табиии онҳо дар сатҳи свитаҳо, уфуқҳо ва қабатҳо, инчунин сохторҳои антиклиналӣ ва конҳои нафту гази ба онҳо алоқаманд мебошанд.

Мавзуи (предмет) таҳқиқот шароити литологӣ-фасиалӣ, палеогеографӣ ва сохторӣ-тектоникии ташаккули маҳзанҳо ва флюидоупорҳо (монеаҳои флюидӣ) мебошанд, ки нафтугаздории маҷмӯъро муайян мекунанд.

Навгонии илмии таҳқиқот иборат аст:

- Бори аввал харитаи сохторӣ-тектоникӣ аз рӯи сақфи таҳшинҳои табошири Фарғонаи Ғарбӣ сохта шудааст.

- Бори аввал вобастагии мутақобилаи таркиби литологӣ ва хосиятҳои филтратсионӣ-ғунҷоишии (ФҒХ) маҳзанҳо нишон дода шудааст, ки ин имкон медиҳад арзёбии пешгӯии муайянсозии қабатҳои ояндадор бо тавсифоти ғунҷоишии баланд гузаронида шавад.
- Бори аввал намудбандӣ (типизатсия) гузаронида шуда, қонуниятҳои паҳншавии резорвуарҳои табиӣ дар маҷмӯи нафтугаздории мавриди баррасӣ муайян карда шудаанд.
- Бори аввал номгӯи 16 қабати маҳзанӣ мунаққаҳ карда шуда, коррелятсияи онҳо иҷро карда шудааст.
- Нақшаи ноҳиябандии литологӣ-фасиалӣ ва палеогеографии ҳудуди паҳншавии маҷмӯи терригенӣ-карбонатии таҳшинҳои табошири Фарғонаи Ғарбӣ таҳия шудааст.
- Нақши равандҳои тектоникӣ дар ташаккули морфологияи чинҳои антиклиналӣ ва ҷойгиршавии конҳои карбогидридҳо дар ҳудуди антиклинали Маҳрам арзёбӣ гардидааст.
- Дар асоси морфологияи сатҳи таҳкурсии палеозой ва хусусиятҳои сохти геологии пӯшиши мезо-кайнозой се минтақаи сохторӣ-тектоникӣ ҷудо карда шудааст.
- Дар ҳудуди минтақаи сохторӣ-тектоникии ҷанубӣ як қатор афроштаҳо муайян карда шудаанд, ки метавонанд ҳамчун объектҳои аввалиндараҷа барои дарёфти ҷамъшавии саноатии карбогидридҳо ҳам дар таҳшинҳои палеогенӣ ва ҳам дар таҳшинҳои табошир хизмат намоянд.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Робитаи генетикии тағйирёбии таҳшинҳои қитъавӣ, баҳрӣ ва эвапоритӣ бо ташкилёбии 16 уфуқи маҳзании маҷмӯаи табошири Фарғонаи Ғарбӣ, ки дар асоси таҳлили фатсиявӣ муқаррар гардидааст, имкон медиҳад, ки хавфҳои ҷустуҷӯии геологӣ коҳиш дода шаванд.

2. Харитаи сохторӣ-тектоникии бори аввал аз саҳфи болоии табошир (свитаи Гознау) тартибдодашуда имкон дод, ки се минтақаи сохторӣ-тектоникӣ ҷудо карда шуда, роҳҳои куч кардани карбоводородҳо ва шароити ташаккулёбии конҳо муайян карда шаванд.

3. Муқоисасозии 16 уфуқи ҷудошуда тибқи сохтори конҳо имконият медиҳад, ки қонуниятҳои ҷойгиршавии домҳои ошкор карда шуда, афзалияти домҳои ғайрисохторӣ ва экраншуда дар конҳои Маҳрам, Селроҳа, Дигмай ва Патар ҳамчун объектҳои пармакунии ҷустуҷӯӣ барои васеъ намудани мамбаи захиравии Тоҷикистон аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шавад.

Аҳамияти назариявӣ ва илмӣ-амалии таҳқиқот аҳамияти илмии натиҷаҳо аз дақиқ кардани меъёрҳои литологӣ-фасиалӣ ва палеогеографии нафтугаздории таҳшинҳои табошири Фарғонаи Ғарбӣ, таҳияи модели сохторӣ-тектоникии минтақа ва муайян намудани хусусиятҳои сохти шикаста-блокии он иборат аст. Дар асоси таҳлили маҷмӯии маълумоти пармакунӣ, геофизикӣ ва сейсмикӣ тарзи сохтории табошир, қонуниятҳои паҳншавии маҳзанҳо ва шароити ташаккули домҳо дақиқ карда шудаанд. Натиҷаҳои бадастомада тасаввуротро дар бораи нафтугаздории маҷмӯаҳои мезозойи ҳавзаи Фарғона пурра намуда, методологияи таҳқиқоти минтақавиро инкишоф медиҳанд.

Аҳамияти амалӣ дар асоснок кардани минтақаҳои ояндадор барои корҳои ҷустуҷӯӣ-иктишофӣ дар Фарғонаи Ғарбӣ зоҳир мегардад. Харитаҳои пешгӯии нафтугаздорӣ, сохторҳои маҳаллии ҷудокардашуда ва минтақаҳои ҷойгиршавии маҳзанҳо имкон медиҳанд, ки объектҳо барои чорабиниҳои геологи иктишофӣ оқилона интихоб карда шаванд. Натиҷаҳои таҳқиқот барои оптимизатсияи барномаҳои пармакунӣ, кам кардани таваккалҳои геологӣ ва баланд бардоштани самаранокии корҳо, ки афзоиши заминаи захираҳои карбогидридии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин менамоянд, қобили истифода мебошанд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо. Эътимоднокии натиҷаҳо бо маҷмӯи маводҳои геологӣ-геофизикӣ ва усулҳои таҳлили онҳо таъмин карда шудааст. Дар кор маълумоти пармакунии амиқ (параметрӣ, такягоҳӣ, ҷустуҷӯӣ, сохторӣ), натиҷаҳои каротаж, санҷиши қабатҳо ва таҳқиқотҳои озмоишгоҳии маҳак (КДЛ солҳои 1980–1985, Донишгоҳи Халифа

(Khalifa University), Абу-Даби, АМА) истифода шудаанд. Маводҳои корҳои иктишофӣ сейсмикии УСНГ-2D (усули нуқтаи умумии амиқ) ва аксбардориҳои геофизикӣ нақши муҳим бозидаанд. Барои дақиқ кардани сохторсозиҳо усулҳои таҳлили сохторӣ-тектоникӣ ва моделсозии литологӣ-фасиалӣ истифода шудаанд.

Муқоисаи натиҷаҳо бо маълумоти иктишоф ва истихроҷи саноатии конҳо эътимоднокии баланди хулосаҳо ва модели геологияи нафтугази таҳшинҳои табошири Фарғонаи Ғарбиро таъмин намуд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мундариҷаи таҳқиқоти диссертатсияи мазкур ба бандҳои 1, 2 ва 3-и ихтисоси 1.6.28. Геология, ҷустуҷӯ ва иктишофӣ конҳои нафт ва газ мувофиқат мекунад:

1. Пайдоиш ва шароити ташаккули конҳои нафт ва газ**:** дар қисми омӯзиши резорвуарҳо, намудҳои маҳзанҳо ва покришкаҳо, инчунин таҳлили литологӣ-стратиграфӣ, фасиалӣ-палеогеографӣ ва сохторӣ-тектоникии таҳшинҳои табошири Фарғонаи Ғарбӣ.
2. Пешгӯӣ, ҷустуҷӯ, иктишоф ва арзёбии геологӣ-иқтисодии конҳо: дар қисми стратегияи пешгӯии нафтугаздорӣ, асосноккунии меъёрҳои ҷустуҷӯӣ ва таҳияи асосноккунии техникиву иқтисодии (АТИ) корҳои геологӣ иктишофӣ дар сохторҳои Маҳрам ва Селроҳа.
3. Таъминоти геологии коркарди конҳои нафт ва газ: дар қисми омӯзиши сохти маҳзанҳо ва тавсифи морфогенетикии чинҳои антиклиналии минтақаҳои гуногуни сохторӣ-тектоникӣ барои пешниҳод намудани тавсияҳои амалӣ оид ба азхудкунии минтақа.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ. Саҳми шахсии муаллиф аз гузоштани вазифаҳо, ҷамъоварӣ ва таҳлили маводҳои геологӣ-геофизикӣ оид ба таҳшинҳои табошири Фарғонаи Ғарбӣ иборат мебошад. Аз ҷониби унвонҷӯ таҳлили литологӣ-фасиалии қабатҳои таҳшинӣ, барқарорсозии палеогеографии шароити таҳшиншавӣ ва тафсири хусусиятҳои сохторӣ-тектоникии минтақа иҷро карда шудааст.

Муаллиф маводҳои фондӣ ва нашршударо коркард ва ҷамъбаст намуда, хосиятҳои маҳзании ҷинсҳоро арзёбӣ кардааст ва қонуниятҳои тақсимоти минтақаҳои ояндадори ҷамъшавии нафту газро муайян намудааст.

Нақшаҳо ва моделҳои тафсирии ташаккули резорвуарҳои карбогидридҳо мустақилона таҳия гардида, хулосаҳо ва тавсияҳо оид ба самти корҳои минбаъдаи геологӣ-иктишофӣ омода карда шудаанд.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Муқаррароти асосии кори диссертатсионӣ дар конфронсҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ пешниҳод, гузориш ва баррасӣ шудаанд: Конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ «Ҳайдар Алиев ва стратегияи нафтии Озарбойҷон: Дастовардҳо дар геологияи нафту газ ва геотехнология», (Боку, соли 2023); Конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ «Қ.И. Сатпоев ва илмҳо дар бораи Замин», (Алмато, соли 2024); Маҷаллаи «Ахбори АМИТ», силсилаи «Илмҳо дар бораи Замин» (Душанбе, № 1, соли 2024); Конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ «Дастовардҳои муосир ва мушкилоти мубрами илмҳо дар бораи Замин» (Душанбе, соли 2024); Конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ «Қарорҳои бунёдӣ, амалӣ ва инноватсионии мушкилоти геологии рушди устувори Ҷумҳурии Ӯзбекистон» (Тошканд, солҳои 2024, 2025).

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Аз рӯи мавзуи таҳқиқот 16 асар нашр шудааст: 1 монография ва 6 мақола дар маҷаллаҳои илмие, ки дар пойгоҳҳои Scopus, РИНЦ (Индекскунонии иқтибосҳои илмии Русия) ворид мешаванд ва аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, чор фасл, хулоса, рӯйхати адабиёт иборат аст. Ҳаҷми асосии кор, бидуни рӯйхати адабиёт, 155 саҳифаи матни мошиннависро ташкил дода, дорои 34 расм, 3 ҷадвал ва рӯйхати адабиёт аз 128 номгӯй мебошад.

ҚИСМҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар **муқаддима** мубрамият ва зарурияти мавзуи диссертатсия нишон дода шуда, мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот оварда шудаанд. Инчунин мувофиқати таҳқиқот ба

самтҳои афзалиятноки рушди илм ва техника дар ҷумҳурӣ, навоварии илмӣ ва натиҷаҳои амалии таҳқиқот нишон дода шуда, истифодабарии натиҷаҳои таҳқиқот дар конфронсҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, корҳои илмии нашршуда ва сохтори диссертатсия қайд гардидаанд.

Дар **фасли якуми** диссертатсия **«Сохти геологӣ ва ҳолати омӯзиши таҳшинҳои табошири Фарғонаи Ғарбӣ»** маълумот оид ба омӯзиши ҳудуди таҳқиқшаванда аз ҷониби муҳақиқони ботаҷриба, аз ҷумла тавсифи геологӣ, хусусиятҳои сохторӣ-тектоникӣ, стратиграфия ва нафтугаздории он оварда шудааст.

Объекти таҳқиқот ноҳияи нафтугаздории Фарғонаи Ғарбӣ мебошад, ки аз ҷиҳати маъмурӣ дар ҳудуди вилояти Суғди Тоҷикистони Шимолӣ ҷойгир аст (координатаҳои қисми марказӣ: 40°17′03″ с.ш., 69°37′09″ в.д.). Аз назари геологӣ, ин ноҳия канори ҷанубу ғарбии ҳавзаи васеи байникӯҳии Фарғонаро дар бар мегирад, ки дар нақша ба эллипси дарозиаш тақрибан 300 км ва бараш то 170 км шабоҳат дорад ва бо сохторҳои чиндори қаторкӯҳҳои Курама, Чатқол, Туркистон ва Алай иҳота шудааст. Масоҳати заминҳои ояндадори ноҳия 3,6 ҳазор км²-ро ташкил медиҳад.

То имрӯз дар ин ҷо тақрибан 350 чоҳ (аз ҷумла 25 чоҳи параметрӣ) бо умқи аз 1420 м (майдони Чилгазӣ) то 5500 м (майдони Ботиркурғон) парма карда шудааст. Аз онҳо танҳо 6 чоҳ ба жарфи чиндори палеозой расидаанд: Дигмай №1 (5351 м), Босумчук №1 (1500 м), Каракчикуми Шимолӣ №1 (4210 м), Маданияти Шарқӣ №1 (4037 м), Бенамоз №1 (4401 м) ва Пахтакор №1 (2503 м). Ҳаҷми умумии пармакунии амиқ 1 млн 21 ҳазор метрро ташкил дод.

Дар ин фасл таърихи омӯзиши геологӣ-геофизикии минтақа ба таври муфассал таҳлил шудааст. Марҳалаи аввалияи таҳқиқот, ки аз ҷониби муҳақиқони ботаҷриба аз охири асри XIX гузаронида шудааст, бо асарҳои А.П. Федченко (ки солҳои 1868–1871 манбаи табиии нафтро дар доманаи кӯҳи Маҳрам кашф кардааст), фаъолияти ҶС «Суханов ва К°» (кони САНТО, аз соли 1907) ва иктишофи майдони Чимион аз ҷониби ширкати бародарон Нобел алоқаманд мебошад. Марҳалаи муосири омӯзиш ба истифодаи маҷмӯии усулҳои геофизикӣ асос меёбад: таҳқиқоти гравитатсионӣ (аксбардории ҷозибавӣ) ва таҳқиқоти магнитӣ (миқёси 1:200 000), таҳқиқоти электрикӣ (ВЭЗ, ДЭЗ, МТЗ) ва корҳои сейсмикӣ (аз усулҳои МОВ ва КМПВ то модификатсияҳои муосири УСНГ 2D/3D), ки ин имкон дод нақшаҳои сохторӣ аз рӯи қабатҳои такягоҳии мезозой ва кайнозой харитасозӣ карда шаванд.


Дар таҳқиқи тектоника, стратиграфия ва нафтугаздории пӯшиши мезозой-кайнозойи ҳавзаи Фарғона А.М. Акрамхоҷаев [7] (мустақилияти давраи табошири нафтугазҳосилшавиро асоснок кардааст), А.А. Обидов [4], А.Г. Бобоев [10], А.М. Габрилян [14], Р.У. Коломазов [26], А.Х. Нуъмонов [21] ва дигарон, инчунин коллективҳои пажӯҳишгоҳҳои ИГИРНИГМ, Шуъбаи тоҷикистонии ВНИГНИ, ВНИГРИ ва СредАзНИПИнефть саҳми назаррас гузоштаанд.

Ҳаҷми умумии истихроҷи нафт то таърихи 01.01.2023 12000 тоннаро ташкил дод. Истихроҷи гази табиӣ 0,353 млн м³-ро ташкил намуд. То таърихи 01.01.2024 ин нишондиҳандаҳо мувофиқан 6273 тонна ва 0,275 млн м³-ро ташкил доданд, ва то таърихи 01.01.2025 ин нишондиҳандаҳо ба 5627,5 тонна нафт ва 0,166 млн м³ газ расиданд.

Аммо, дар заминаи коҳиши умумии истихроҷ ва камшавии захираҳои нафту газ дар ҳудуди ҳавзаи Фарғонаи Ғарбӣ, мавҷуд набудани сохторҳои барои пармакунии ҷустуҷӯӣ омодашуда ва бо обҳои баҳри Қайроққум (обанбори Баҳри Тоҷик) пӯшида шудани қисми марказии ҳудуди омӯхташуда, таваҷҷӯҳи бештар ба таҳшинҳои табошир зоҳир карда мешавад (расми 1).

Ояндадории таҳшинҳои табошири ин ҳудудро омилҳои зерин муайян мекунанд: маълумоти ҷамъовардашудаи геологӣ-геофизикӣ, арзёбии дурнамои нафтугаздории таҳшинҳои табошир дар муқоиса бо нафтугаздории ин воҳиди стратиграфӣ дар ҳудудҳои ҳамсояи қисми марказии ҳавзаи Фарғона, инчунин кашф шудани конҳои карбогидридҳо дар таҳшинҳои табошири поёнӣ дар сохторҳои Дигмай ва Ниёзбек-Каракчикуми Шимолӣ.

Тадқиқотҳои ба омӯзиши геологии ҳавзаи байникӯҳии Фарғона, ки Фарғонаи Ғарбӣ низ ба он дохил мешавад, бахшидашударо дар асарҳои А.М. Габрилян [14], А.Г. Бобоев [10], А.М. Акрамхоҷаев [7], ва дигарон пайдо намудан мумкин аст.



Расми 1. — Нақшаи сохторӣ-тектоникӣ ва харитаи умумии ҷойгиршавии конҳои нафту газ ва сохторҳои ояндадори ҳавзаи Фарғонаи Ғарбӣ (Мураттибон: Раҳимов Ф.А., Мавлонӣ С.Р., соли 2025)

Ҳангоми табақабандии таҳшинҳои табошири Фарғонаи Ғарбӣ аз ҷониби мо нақшаи О.С. Вялов [12] истифода шудааст, зеро он ба ҳалли дурусти як қатор сохторҳои палеогеографӣ мусоидат менамояд. Гайр аз ин, стратотипи таҳшинҳои табошири Фарғонаи Ғарбӣ ва истифодаи онҳо ҳангоми стратификатсияи таҳшинҳои табошир дар буриши чоҳҳои пармашуда, муаллиф таҳшинҳои табошири поёнӣ ва болоиро дар соҳили рости дарёи Исфара, байни шаҳраки Нафтобод ва шаҳри Исфара қабат ба қабат омӯхтааст.

Табошири поёнӣ дар рӯи таҳшинҳои юра ба таври трансгрессивӣ хобидааст. Дар ҳаҷми ин уфуқи стратиграфӣ **қабати (свитаи) Гузан** ҷойгир аст, ки асосан бо конгломератҳои базалӣ ва гравелитҳои гуногундона бо қабатчаҳои регсангҳои гуногундона, гилҳо ва мергелҳо ифода ёфтааст. Ранги хишти-сурх бартарӣ дорад (расми 2).

Қабати 1. Конгломерати калоншағал, андозаи шағалҳо ба 5–10 см мерасад. Шағалҳо аз шикастапораҳои регӣ ва оҳаксангҳои кремнигӣ иборатанд. Ғафсӣ — 8,0–12,0 м.

Қабати 2. Дар рӯи бастаҳои конгломератӣ бо шусташавии эрозионӣ регсангҳои қишрбандиашон моил, донаҳояшон миёна ва калон (5,0 м) хобидаанд, ки онҳо аз рӯи самти паҳншавӣ ба гравелитҳои майдадона (1,70 м) табдил меёбанд.

Ғафсии умумии таҳшинҳои қабати (свитаи) Гузан 38,30 метрро ташкил медиҳад. Дар ноҳияҳои марказии ҳавзаи Фарғона он ба 200–257 метр мерасад.


Қабати (свитаи) Лакон

Қабати 3. Оҳаксанги хокистарӣ, зич, дорои тарқишҳои бо калсит пуршуда. Қабатчаҳо бо боқимондаҳои гастроподҳо вомехӯранд. Дар масофаи 12 м аз таҳкурсии қабат, зерқабатҳои гилҳо ва алевролитҳо бо ғафсии то 8,0 м мушоҳида мешавад.

Ғафсии умумии қабат 23,6 м аст.

Қабати 4. Регсангҳои гуногундона, асосан майдадона, ки бо гилҳо ва алевролитҳои рангашон сурхчатоб-гулобӣ навбат мешаванд. Ғафсӣ — 25,0 м. Ба самти болои буриш регсангҳо бо оҳаксангҳои сафедчатоб-хокистарӣ ва сурохидор иваз мешаванд. Ғафсӣ -11,40 м.

Ғафсии умумии қабати (свитаи) Лакон 60,0 метрро ташкил медиҳад.



Расми 2. — Намуди умумии хобиши таҳшинҳои табошир (шаҳраки Нафтобод) (акси муаллиф, соли 2025)

Қабати (свитаи) Қизилпилал

Бо шусташавии эрозионӣ (**қабати 5**) конгломератҳои майдашағал, гравелитҳои гуногундона бо линзаҳо ва қабатчаҳои регсангҳои гуногундона (асосан майдадона) мехобанд, ки онҳо бо мергелҳои сахт оҳакдоршуда пӯшида мешаванд. Ғафсии қабатчаҳо дар ҳудуди 0,8–1,50 м тағйир меёбад.

Ғафсии умумии қабат (свита) 17,2 метрро ташкил медиҳад.

Қабати (свитаи) Калачин. «Бо шусташавии эрозионӣ дар рӯи гилҳои сахт мергелдоршуда (**қабати 6**) конгломератҳои шағалҳояшон миёна ва калон, рангашон хишти-сурх бо ғафсии то 15,0 м мехобанд. Дар баъзе қисмҳо аз рӯи самти паҳншавӣ, конгломератҳо бо гравелитҳо ва Регсангҳои калондона, ки дар қисми болоии қабат ҷойгиранд, иваз мешаванд. Регистонҳо асосан миёнадона, бо қишрбандии моил ва рангашон ҷигарии-сурх мебошанд. Ғафсии регсангҳо 2,0 м аст. Ғафсии умумии свита 17,0 м-ро ташкил медиҳад» [10, с.20].

Қабати (свитаи) Экзогира


Дар қисми поёнӣ (**қабати 7**) бо оҳаксангҳо ва оҳаксангҳои садафдор бо қабатчаҳои гилҳои хиштранги-сурх ифода ёфтааст. Ғафсии умумии баста 10,0 м аст. Дар болои онҳо (**қабати 8**) доломитҳои сабзчатобм-хокистарӣ, дар баъзе қисмҳо бӯр, ки бо маводи регӣ пур шудаанд, мехобанд. Ғафсии доломитҳо 8,0 м аст. Ғафсии умумии свита 18,0 м мебошад.

Қабати (свитаи) Яловач

Онро инчунин свитаи регӣ ҳам меноманд. Сохтори он аз се қисм иборат аст: дар поён (**қабати 9**) Регсангҳои майдадона бо ғафсии 18,6 м ва бо боқимондаҳои дандонҳои наҳанг (акула) ҷойгиранд, ки онҳо бо доломитҳои сурхчатоб (**қабати 10**) бо ғафсии 1 м пӯшида мешаванд. Дар боло (**қабати 11**) регсангҳои майдадонаи хуб суфташуда гулобии кушод бо ғафсии 22,0 м мехобанд (расми 3).

Қабати Рангоранг (Пёстроцветная свита)

Дар қисми поёнии свита (**қабати 12**) гили хокистарӣ-ҷигарӣ бо боқимондаҳои сершумори флора бо ғафсии 7,0 м мехобад. Дар болои он (**қабати 13**) регҳои суст сементшудаи ковок бо ғафсии 9 м, рангашон гулобии равшан ҷойгиранд. Буришро (**қабати 14**) қабати 32-метрии гили сабз ҷамъбаст менамояд. Ғафсии умумии свита 48,0 м аст.



Расми 3. — Акси таҳшинҳои қабати (свитаи) Яловач (шаҳраки Нафтобод)
(Мураттиб: Раҳимов Ф.А., соли 2025)

Қабати (свитаи) Гознау

Дар қисми поёнии (**қабати 15**) бо доломитҳои сахт гаҷдори сабзчатоб-хокистарӣ ифода ёфтааст, ки дар қисми миёнаи онҳо қабатчаи гилҳои рангоранг ҷойгир аст. Ғафсӣ — 6,0 м. Дар боло (**қабати 16**) гипсҳо (гаҷҳо) бо қабатчаҳои ками гилҳои ҷигарӣ ва гилҳои сахт гаҷдоршуда бо ғафсии 35,0 м мехобанд. Ғафсии умумии свита 41 м-ро ташкил медиҳад. Ғафсии умумии таҳшинҳои табошир дар буриши Нафтобод 281,1 метр мебошад ташкил медиҳад.

Гурӯҳи сеюми таҳқиқотчиён, ки намояндаи барҷастаи он Д.В. Наливкин [20] буд, чунин меҳисобиданд, ки меъёри пастшавии ҳавзаро таҳшинҳои баҳрии камчуқур нишон медиҳанд. Онҳо «дар як ҳавзаи васеъ, ки аз соҳилҳои Арал то Тошканд ва Самарқанд тӯл мекашид, таҳшин шудаанд. Ин ҳавза тамоми водии Фарғонаро фаро гирифта буд ва дар он замон ҷинсҳои замони палеозой ҳавзаро иҳот анакарда буданд» [20, с.55].

Ин мисолҳо ақидаҳои гуногун ва баъзан зиддиятнокро дар бораи тектоникаи ҳавзаи Фарғона, ҳатто дар байни намояндагони як гурӯҳ нишон медиҳанд.

Натиҷаҳои аз рӯи таҳқиқотҳои геофизикӣ (иктишофӣ сейсмикӣ) бадастомада дар бораи қисми пӯшидаи ҳавза тасаввуроти мукаммалтар медиҳанд. Ҳангоми изҳори назар дар бораи сохти геологии қисми марказии ҳавза, мо маҳз ба ҳамин маводҳо такя намудем. Муаллиф ҳамаи шартҳои дар боло зикршударо ҳамчун асоси муҳокимаҳои илмӣ қабул намуда, бо вуҷуди ин, зарур мешуморад, ки онҳоро дар фаслҳои мувофиқ бо мулоҳизаҳо оид ба хусусиятҳои сохти тектоникии ҳудуди омӯхташуда, яъне Фарғонаи Ғарбӣ, пурра намояд.

«Таҳлили асарҳои нашршуда нишон медиҳад, ки новобаста аз омӯзиши муфассали вобастагии конҳои нафту газ бо маълумотҳои гуногуни палеогеографӣ, литологию фасиалӣ ва тектоникӣ, бисёр таҳқиқотчиён ба хулосае меоянд, ки то имрӯз арзёбии миқдории дараҷаи таъсири омилҳои қайдшуда ба ҷойгиршавии конҳо гузаронида нашудааст» [8-А, 16-А].

«Танҳо ҳаминро қайд мекунем, ки қисми Тоҷикистонии ҳавзаи Фарғона дорои баъзе хусусиятҳои хос мебошад, ки онро аз боқимондаи ҳудуд фарқ мекунанд» [14-А].

Ба қатори ин гуна фарқҳо: якбора танг шудани ҳудуди ҳавзаи Фарғона ба самти ғарб ва наздикшавии сарҳадҳои он, маҳвшавии пурраи таҳшинҳои табошир ва юра дар ҳамон самт, паҳншавии қабатҳои ғафси гипсдор ва намакдор дар таҳшинҳои неогени қисми шимолии ҳавза, шароити грабени марказии нисбатан танг ва эҳтимолан бо шикастаҳо мураккабшуда, дохил мешаванд.

Ҳавзаи Фарғона дар давоми муддати тӯлонӣ ҳамчун минтақаи классикии рушди ҳаракатҳои амудии блокӣ ва нақши бартаридоштаи онҳо дар шаклгирии чинҳо ба шумор мерафт. Омӯзиши тарзи сохторҳои антиклиналии Маҳрам, Ниёзбек, Маданияти Шарқӣ, Конибодом, Равот ва дигарон гувоҳӣ аз он медиҳанд, ки ҳаракатҳои уфуқӣ дар тӯли шикастаҳо низ ба шаклгирии сохтори чиндор таъсири назаррас расонидаанд.

«Аз самти шимол ҳавзаи Фарғона бо шикастаи Шимоли Фарғона маҳдуд шудааст, ки дар тӯли он ҳаракати рӯпӯшкунӣ ба самти ҷануб бо амплитудаи исботшудаи қариб 3–7 км муайян карда шудааст. Бо ин рӯпӯшшавӣ таҳшинҳои палеозой таҳшинҳои неоген-палеогениро мепӯшонанд. Дар қисми зери рӯпӯш (поднадвиг) бо усулҳои корҳои иктишофӣ сейсмикӣ якчанд сохторҳои амиқ ғӯтида — Бенамоз, Қарамазор ва дигарон муайян карда шудаанд» [24, с.109].

Якбора танг шудани ҳавзаи Фарғона ба самти ғарб, бешубҳа бо афзоиши амплитудаи шикастаи Шимоли Фарғона дар ҳамон самт вобастагӣ дорад. Аз рӯи ҷойгиршавии хоси хатҳои сохторӣ, тахмин кардан мумкин аст, ки дар зери шикастаи Шимоли Фарғона шикастаи навбатии ба самти ҷануб нигаронидашуда — Руҳак-Ақчоп пинҳон аст. Дар наздикии бевоситаи ҳавзаи Шимоли Фарғона сохторҳои бе реша, ки бо диапиризми намакӣ мураккаб шудаанд, инкишоф ёфтаанд. Номувофиқатии нақшаҳои сохторӣ аз рӯи қабатҳои болои намакӣ (неогенӣ) ва уфуқҳои зери намакӣ тавассути корҳои иктишофӣ сейсмикӣ ва пармакунӣ дар сохторҳои Дигмай, Оқбел-Оқчоп, Қизилҷар, Супетауи Ғарбӣ ва дигар сохторҳо ошкор карда шудаанд, ки дар ин ҷо дар баробари диапиризми намакӣ, «зуҳуроти тектоникаи намакӣ зери таъсири фишори паҳлӯӣ (боковой стресс) аз самти шимол, ки дар кӯчиши чинҳои болои намакӣ ба ҷануб ва асимметрияи хоси сохторҳо ифода ёфтааст, ба таври возеҳ муайян карда мешавад» [6-А].

Дар ҳамин ҳол, қайд кардан зарур аст, ки то имрӯз дар ҳудуди Фарғонаи Ғарбӣ ягон сохтори аз рӯи таҳшинҳои табошир барои пармакунӣ омодашуда мавҷуд нест, ки дар он ҷо таркиби литологӣ, хосиятҳои филтратсионию ғунҷоишии маҳзанҳо, таркиби минералогӣ ва хусусиятҳои сохторию текстурии покришкаҳоро ба таври мақсаднок омӯхтан мумкин бошад. Барои ба даст овардани натиҷаҳои мусбат дар корҳои геологӣ-ҷустуҷӯӣ ва кашф намудани конҳои саноатии нафту газ дар таҳшинҳои табошири ҳудуди мазкур, ҷалб намудани ҳам ширкатҳои соҳавӣ ҷиҳати гузаронидани корҳои иктишофӣ сейсмикӣ ва ҳам ширкатҳои ботаҷрибаи пармакунӣ зарур мебошад.

Дар фасли дуюми диссертатсия — «Таҳаввули таърихию генетикии ҳавзаи седиментатсионӣ дар давраи табошир», баррасии муфассали таҳаввули таърихию генетикӣ, сохти тектоникӣ, шароитҳои палеогеографии таҳшиншавӣ ва тавсифи морфогенетикии чинҳои антиклиналии Фарғонаи Ғарбӣ дар давраи табошир инъикос ёфтааст.

Истилоҳи «ҳавзаи седиментатсионӣ» (седиментационный бассейн) имрӯзҳо дар геологияи нафт ва газ ба таври васеъ истифода мешавад, аммо таҳқиқотчиёни мухталиф ин мафҳумро якранг тасаввур намекунанд. «Бо кӯмаки таърифҳои анъанавӣ мо метавонем танҳо масъалаи интихоби ҳудуди муайянро барои ба роҳ мондани корҳои аввалияи геологӣ-ҷустуҷӯӣ барои нафту газ дар нақшаи минтақавӣ ҳал намоем. Аммо ин тасаввурот барои иҷрои пурраи азнавсозиҳои зарурии геодинамикӣ ва таҳаввули нафтугазӣ мусоидат намекунанд» [19, с.112].

Мулоҳизаҳо дар бораи он, ки истилоҳи англисии «sedimentary basin», ки дар амалияи геологии хориҷӣ истифода мешавад, метавонад ниёзҳои илмии моро комилан қонеъ созад, ба фикри мо, хато мебошанд. Ҳангоми гузаронидани корҳои геологӣ-ҷустуҷӯӣ бо мақсади кофтукови конҳои нафту газ дар минтақаҳои нав, хусусан дар марҳилаи аввали давраи


минтақавӣ, лозим аст, ки ба интихоби минтақаҳо ва усулҳои пешбурди корҳои ҷустуҷӯй-кашфкунӣ ба таври соддатар муносибат карда шавад [4]. Баррасии ҳавзаи таҳшинӣ ҳамчун як объекти ба таври ҳамаҷониба ва маҷмӯй омодашуда бояд ба як ҷанбаи муҳим табдил ёбад.

«Ҳавзаи таҳшинӣ - ҷисми стратификатсияшуда, системаи мураккаби сохти денудасионию аккумулятивие мебошад, ки қисман барои таъсири омилҳои беруна кушода буда, дар айни замон дар мувофиқати қатъӣ бо мавқеи геодинамикии худ рушд мекунад» [23, с.55]. Дар ин таҳқиқот, ҳамчун асоси фундаменталӣ, тасаввурот дар бораи он ки ҳавзаҳои таҳшинӣ ва седиментатсионӣ муродифи (синоними) якдигаранд, қабул карда шудааст.

Типизатсияи сохторҳои тектоникии қисмати табошириии буриш дар ҳудуди Фарғонаи Ғарбӣ дар заминаи хусусиятҳои морфогенетикии сохти онҳо гузаронида шуд ва ин имкон дод се минтақаи сохторию тектоникӣ (МСТ) — шимолӣ, марказӣ ва ҷанубӣ ҷудо карда шаванд. Таснифоти сохторҳои антиклиналӣ дар ҳудуди ин минтақаҳо, ки қобилияти шаклдиҳӣ ва ҷамъоварии конҳои нафту газро доранд, ҳангоми асосноккунии илмии усулҳои кашф кардани маҳалли ҷамъшавии карбогидридҳо ва интихоби самти корҳои ҷустуҷӯй-кашфкунӣ аҳамияти калон дорад.

Азнавсозии марҳилаҳои рушди геологии ҳудуд, ки таҳти он аз ҷумла рушди тектоникӣ ва хусусиятҳои палеогеоморфологии таҳшиншавии онро бояд фаҳмид, ба сохтани модели сохти геологии ҳудуд дар фосилаи стратиграфикии неоком-сенони Фарғонаи Ғарбӣ мусоидат намуд, ки хусусиятҳои хоси он барои шаклгирии конҳои нафту газ дар ин ҳудуд шароит фароҳам меоранд.

Асос барои ҷудо кардани ин МСТ-ҳо маълумотҳое буданд, ки аз натиҷаҳои пармакунии корҳои амиқи ҷустуҷӯй-кашфкунӣ ва усулҳои сейсмикии таҳқиқоти гузаронидашуда ба даст омадаанд. Ҳангоми дараҷабандӣ, чинҳои антиклиналӣ аз рӯи чунин тавсифҳо, аз қабили шакл, мавҷудияти сарбастагии периклиналӣ, андоза ва шабоҳат муқоиса карда шуданд.




Расми 4. — Харитаи сохторӣ аз рӯи сақфи свитаи Гознау
(Мураттибон: Раҳимов Ф.А., Мавлонӣ С.Р., соли 2025)

Тавсифи хусусиятҳои геологии ҳар як минтақа ва сохторҳои ояндадор инчунин ба харитаи сохторие, ки аз ҷониби муаллиф аз рӯи сақфи свитаи Гознау (расми 4) сохта шудааст, асос ёфтааст. Бояд таъкид кард, ки харитаи сохтории пешниҳодшуда аввалин кӯшиши ба таври схемавӣ тасвир намудани сохти Фарғонаи Ғарбӣ аз рӯи болои уфуқи табошир мебошад.

Схемаи пешниҳодшуда дар бисёр ҷойҳо фарзиявӣ буда, албатта, бо назардошти кушодашавии таҳшинҳои табошир бояд дақиқ карда шавад. Харитаи сохтории пешниҳодшуда метавонад аз нуқтаи назари муайян кардани маҳалли ҷойгиршавии сохторҳои алоҳида, ки метавонанд ғунҷоишгоҳи ҷамъшавии саноатии карбогидридҳо ҳам дар таҳшинҳои палеоген ва ҳам дар таҳшинҳои табошир бошанд, аҳамияти амалӣ дошта бошад.

МСТ-и шимолӣ (расми 5) дар нақша қариб пурра ба иҳотаи баромадгоҳи палеозой мувофиқат мекунад. Ин минтақа бо номувофиқатии нақшаҳои сохтории палеозой ва сохторҳои мезо-кайнозойи онро рӯпӯшкунанда тавсиф меёбад. Ба ин минтақа метавон масоҳати азимеро аз доманаҳои ҷанубии қаторкӯҳи Қурама то қаторкӯҳи Руҳак-Супетау мансуб донист. Дар профилҳои сейсмикӣ рӯпӯшкунии ҷинсҳои палеозойи иҳотакунандаро ба маҷмӯи мезо-кайнозой аз самти шимол мушоҳида кардан мумкин аст. Дар ҳудуди ин минтақа антиклинаҳои Дигмай, Руҳак, Руҳаки Ҷанубӣ, Оқчоп, Оқбел, Қизилҷар, Супетауи Ғарбӣ ва Шарқӣ қайд карда шудаанд. Ҳамаи ин антиклинаҳо дар рӯи замин аз рӯи қабатҳои неоген-чорумин хуб пайгирӣ мешаванд. Сохторҳои Супетауи Ғарбӣ ва Супетауи Шарқӣ бештар омӯхта шудаанд, зеро дар ҳудуди онҳо 7 чоҳ, аз ҷумла ду чоҳи параметрӣ парма карда шудааст.



Расми 5. – Схемаи сохти умқии МСТ-и шимолӣ (Мураттибон: Мавлони С.Р., Раҳимов Ф.А., соли 2025)

МСТ-и шимолӣ аз ҷиҳати сохти геологӣ яке аз мураккабтаринҳо ба шумор меравад. Маълумоти бештар муътамад ва намоён дар бораи сохти геологии ин МСТ аз маводҳои чоҳҳои пармашуда ва корҳои сейсмикии дар ҳаҷми калон иҷрошуда дар майдонҳои Супетауи Ғарбӣ ва Шарқӣ ба даст оварда шудааст.

Сохтори мураккаб дар натиҷаи он шароит шакл гирифтааст, ки дар давраи неоген-чорумин МСТ-и шимолӣ ба пастшавии шадид дучор шуда, дар он ҷо ҷамъшавии қабатҳои ғафси молассаҳои континенталии кайнозой ва таҳшинҳои намакдор (беш аз 1,0 км) ба амал омадааст. Ин шароитҳо, инчунин мавҷудияти фишорҳои ғайримуқаррарии баланди (градиентҳои ФПАЗ 1,8–1,92) ва ҳароратҳои баланд (207°C дар умқи 4500 м) дар буриши неоген ба он оварда расониданд, ки 6 чоҳ аз 7 чоҳи мавҷуда то умқи лоиҳавӣ парма карда шудаанд ва таҳшинҳои палеогении барои ин ҳудуд ояндадор кушода нагардиданд. Танҳо чоҳи №10-и Супетауи Шарқӣ аз умқи лоиҳавӣ пасттар (5135 м) парма карда шуд, аммо он ҳам таҳшинҳои палеогениро накушод.

Соли 1983 аз ҷониби дастаи сейсмографии Ленинобод тавассути чоҳи №10-и Супетауи Шарқӣ як профили уфуқӣ УСНГ (МОГТ) коркард карда шуд ва аз рӯи изогипсаи 6100 м мавҷудияти чини антиклиналии паҳншавии нимбарӣ дошта бо андозаҳои 22,0х5,0 км тасдиқ гардид. «Дар амалияи корҳои геологӣ-иктишофӣ барои нафту газ, хусусан дар ҳудуди ҳавзаи Афғонистону Тоҷикистон, ҳолатҳое буданд, ки уфуқҳои инъикоскунандаи неогенӣ иштибоҳан сақфи таҳшинҳои палеогенӣ қабул карда мешуданд» [2-А, 9-А, 10-А].

Ба ба роҳ мондани корҳои ҷустуҷӯӣ дар сохторҳои воқеъ дар ҳудуди МСТ-и шимолӣ бояд бо муносибати махсус нигариста шавад. Дар ин ҷо дар ҳеҷ як чоҳ на таҳшинҳои палеогенӣ ва на таҳшинҳои табошир кушода нашудаанд. Дар ҳудуди ин МСТ дар рӯи замин баромадгоҳи ҷинсҳои бунёдии табошир мавҷуд нест. То ҳол норавшан боқӣ мемонад, ки оё дар ин ноҳия таҳшинҳои табошир мавҷуданд, ғафсии онҳо чиқадар аст, пуррагии стратиграфии буриш, литология, вазъи гидрогеологӣ дар умқ, мавҷудияти минтақаҳои ФПАЗ (фишори ғайримуқаррарии баланд) ва ғайра дар кадом аҳволанд. Барои гирифтани ҷавоб ба ин саволҳо муаллиф пешниҳод менамояд, ки дар наздикии бевоситаи майдони ҷойгиршавии чоҳи №1 чоҳи иктишофӣ бо умқи то 6500 метр парма карда шавад.

Мавҷудияти ду намуди мухталифи буриши неогенӣ дар ҳудуди МСТ-и шимолӣ ва, чуноне ки дар зер хоҳем дид, марказӣ дар масофаи кӯтоҳ, имкон медиҳад, ки мавҷудияти ду ҳавзаи мустақили таҳшиншавӣ тахмин карда шавад. Чунин ҳавзаҳои ҷудошуда танҳо дар шароити мавҷудияти афроштаи монеасози якбора дар байни онҳо метавонистанд арзи вуҷуд кунанд.

Ҳамчун чунин монеа, эҳтимолан, афроштаи тектоникӣ хидмат карда метавонист, ки ба шаклгирии шароитҳои палеотектоникӣ ва фасиалӣ-палеогеографии таҳшиншавии аз якдигар якбора фарқкунанда мусоидат намудааст. Мавҷудияти қабатҳои ғафси таҳшинҳои намакдор дар қисмати неогении буриш дар ҳудуди МСТ-и шимолӣ ва набудани онон дар минтақаи марказӣ, имкон медиҳад тахмин кунем, ки афроштаи мазкур амплитудаи хеле баланди бардошташавӣ ва паҳншавии арзӣ доштааст.


МСТ-и Марказӣ – тавассути рӯпӯши Ниёзбек ва системаи шикастаҳои чинҳои Оқбел ва Оқчоп маҳдуд карда мешавад [17]. Сақфи табошири болоӣ дар умқи 5,5–6,0 км хобидааст. Ин минтақа депрессияи ҳамворро (пологая депрессия) мемонад, ки дар он ҷо чини Батирқӯрғон дар зери боли антиклинали Махрам сохти зерирӯпӯшӣ дорад. Антиклинали Махрам объекти калидии ин минтақа ба шумор меравад. Барои омӯзиши ФХО (хосиятҳои физикиву масоманокии) маҳзанҳои табоширу палеоген заминагузории чоҳи параметрӣ асоснок карда шудааст. Тектоникаи дизъюнктивӣ (шикаста) дар ин ҷо мавҷудияти конҳои ғайри антиклиналиро муайян мекунад [5, 15].

Пармакунӣ инверсияи нафтпазириро ошкор намуд: чоҳҳои гумбазӣ (№ 1, 4, 6, 10, 14) холӣ мебошанд, дар ҳоле ки партофти нимбарӣ (шахобчаи шикастаи Шорсу-Равот) боиси фаввораи нафт дар чоҳи № 2-а гардид, дар сурате ки нуқтаҳои ҳамсояи он хушк баромаданд. Мувофиқи маълумоти мо, захираҳои истихроҷшавандаи нафти табоширу палеогени Махрам 656 млн тоннаро ташкил медиҳанд (арзёбии расмии захираҳои дурнамои нафту гази тамоми Фарғонаи Ғарбӣ — 108 млрд тонна с.ш. (сӯзишвории шартӣ) мебошад [26].

Дар ин ҷо мавҷудияти якчанд сохторҳои антиклиналӣ муайян карда шудааст, ки асосии онҳо инҳоянд: Махрам, Қайроққум, Қистақӯз ва Батирқӯрғон. Танзимоту натиҷагирии мо нишон доданд, ки чини Батирқӯрғон дар асл зерирӯпӯшӣ буда, бо боли ҷанубии худи антиклинали Махрам пӯшонида мешавад (расми 6).

«Дар ин муддат вобастагии конҳои нафту газ ба минтақаҳои шикаста, махсусан ба гиреҳҳои буриши онҳо; таъсири тектоникаи дизъюнктивӣ ба равандҳои седиментатсия (таҳшиншавӣ) ва ба вуҷуд омадани домҳои сохторӣ; мавҷудияти шикастаҳои гузаронанда ва маҳкамкунанда ва ғайраҳо муайян карда шуданд» [5-А, 11-А].

Барои ҷуброни камшавии захираҳои палеоген, баромадан ба акваторияи обанбори Қайроққум (бо масоҳати 513 км^2), ки дар он ҷо мавҷудияти зиёда аз 20 сохтор тахмин шудааст («Сомон Ойл»), зарур мебошад. Пармакунии моил-самтдор самаранокии корҳои геологӣ-иктишофиро (КГИ) барои нафт то 50% ва барои газ то 70% баланд мебардорад [22]. Дар марҳилаи азхудкунии табошир коҳиш ёфтани афзоиши хоси захираҳо ба андозаи 4–5 маротиба (ҳангоми азхудкунии ҷории захираҳои дурнамои аввалия ба миқдори 20–40%) пешгӯӣ карда мешавад, ки ин татбиқи таҷрибаи мутахассисони Ӯзбекистонро тақозо менамояд [4, 8]. Ҷойгиршавии захираҳои категорияи C_1 тавассути 1–3 чоҳи ҷустуҷӯӣ дар як сохтор бо таваҷҷӯҳи асосӣ ба домҳои ғайрисохтории минтақаи Дарвозаи Хуҷанд тавсия дода мешавад [5, 7, 13].



Расми 6. – Харитаи сохтории рӯи сақфи қабати II-и майдони Махрам (Мураттибон: Мавлони С.Р., Раҳимов Ф.А., соли 2025)

МСТ-и Ҷанубӣ. Умқи хобиши сақфи таҳшинҳои табошир дар ҳудуди минтақаи ҷанубӣ дар ҳудуди васеъ – аз 2300 то 3500 метр тағйир меёбад. Пастшавӣ ба самти шимол, ба сӯи сарҳадҳои ҷанубии минтақаи марказӣ сурат мегирад. Дар айни замон, афзоиши муътадили кунҷи майли ҷинсҳо то 25-30º ба амал меояд.


Дар ин ҷо конҳои асосии карбогидридҳо барои Тоҷикистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон ҷойгир шудаанд: Равот (Ӯзбекистон), Нафтобод, Айритан, Селроҳа, Конибодом, Конибодоми Шимолӣ, Оби Шифо, Қаратови Ҷанубӣ, Ниёзбек, Қаракчикуми Шимолӣ, Маданият, Маданияти Шарқӣ (Тоҷикистон), Қарағач-Тамчӣ, Бешкент-Тогап (Қирғизистон).

Антиклинали Селроҳа (КИМ) – дар наздикии бевоситаи антиклинали Нафтобод ҷойгир аст. Аз рӯи замин чин аз қабатҳои палеоген ташкил ёфтааст, ки онҳо дар қисмҳои паҳлуӣ (болҳо) бо ҷинсҳои неоген-чорумин пӯшонида мешаванд. Андозаи сохтор аз рӯи сақфи палеоген 10,5х2,5 км-ро ташкил медиҳад. Амплитудаи чин аз рӯи боли ҷанубӣ то ба 620 метр мерасад. Нишондоди максималии мутлақи гумбаз ҷамъ 820 метр аст. Боли ҷанубӣ нишеб (70-800), боли шимолӣ ҳамвор (17-300) мебошад» [30]. Дар қисми ғарбӣ, гумбази чин то таҳкурсии таҳшинҳои палеоген шуста шудааст, ки дар натиҷаи он ҳамаи уфуқҳои маҳзании палеоген кушода шудаанд (расми 7).

Дар ҳудуди Фарғонаи Ғарбӣ, хусусан дар МСТ-и (минтақаи сохторӣ-тектоникии) ҷанубӣ, шикастаҳои таркишии тӯлонӣ паҳншавии васеъ доранд, ки конҳои нафту газ бо онҳо алоқаманданд. Ин шикастаҳои таркишӣ бисёр вақт нақши экранро бозида, ба ҳаракати нафту газ монеъ мешаванд ва ба ҷамъшавии онҳо дар минтақаҳои наздишикастагӣ мусоидат мекунанд. Маҳз ба ҳамин хотир, омӯзиши маҷмӯии хусусиятҳои генезис ва морфологияи шикастаҳо зарур аст.

«Фикри умумиқабулшудае мавҷуд аст, ки афроштаи қадимии Қаратов ҳам аз ҷануб ва ҳам аз шимол бо шикастаҳои таркишии арзӣ иҳота шудааст. Сарфи назар аз ин, афроштаи мазкур баланд шуда, горсти дуҷонибаро ба вуҷуд меорад. Дар айни замон, шикастаҳои таркишӣ афтиш набуда, бештар ҷаҳиш мебошанд, ки ҳамвории шикасти онҳо ба зери палеобаландшавӣ ғӯта мезанад ва тамоми комплекси стратиграфиро аз неоген то таҳшинҳои палеозой сӯрох мекунад. Чунин тасдиқ имкон медиҳад, ки пешгӯӣ карда шавад: чинҳои

антиклиналии Қостақози бо морфологияи хуб ифодаёфта ва Тузлук, ки аз рӯи таҳшинҳои ҷавони неоген-чорумин мушоҳида мешаванд, дар умқ аз рӯи таҳшинҳои табошир-палеоген моноклинаро ташкил медиҳанд» [11, с.95].



Расми 7. — Майдони Селроҳа (Мураттибон: Раҳимов Ф.А., Мавлонӣ С.Р., соли 2025)

Имрӯз усулҳои зиёди сифатан муайян кардани минтақаҳои рушди шикастаҳо, хусусан аз рӯи маълумоти гравитатсионӣ-магнитӣ мавҷуданд. Бо истифода аз харитаҳои изоаномалҳои қувваи вазнинӣ ва изодинамҳои майдони геомагнитӣ дар ҳудуди ҳавзаи Фарғонаи Ғарбӣ, шикастаҳои мавҷударо дар ноҳияи мушаххаси мавриди омӯзиш ба осонӣ ҷудо кардан мумкин аст. Қоидатан инҳо зинаҳои гравитатсионӣ ва магнитӣ мебошанд, ки ҳудуди тақсимоти массаҳои гравитатсионӣ ва магнитии дар умқ ҷойгиршударо нишон медиҳанд. Ин зинаҳо ва аномалияҳои майдони магнитии ба таври параллелӣ ва хаттӣ кашидашудаи қайдшаванда, хеле вақт бо минтақаҳои рахнашудаи таҳкурсии кристаллӣ ва дислокацияҳои ҷойгиршавии таҳшинҳо алоқаманданд.

Устувор гардидани ҷудоии фатсиалии маҳзанҳо, инчунин таъсири монеаҳои тектоникӣ ва намакдор, муносибати ҳархеларо ҳангоми арзёбии дурнамо ва интихоби методикаи корҳои геологӣ-иктишофӣ дар ҳар як аз се минтақа талаб мекунад.

Дар **боби сеюми** диссертатсия «**Хусусиятҳои филтратсионӣ-ғунҷоишии уфуқҳои маҳзании таҳшинҳои табошири Фарғонаи Ғарбӣ ва шароитҳои фатсиалӣ-палеоҷуғрофии ташаккули онҳо»,** хусусиятҳои филтратсионӣ-ғунҷоишии (ХФҒ / ФЕС) қабатҳои маҳзанӣ ва покришкаҳои экранкунанда ба таври муфассал таҳқиқ шуда, шароитҳои фатсиалӣ-палеоҷуғрофии ташаккули онҳо барқарор карда мешаванд, инчунин стратегияи пешбурди минбаъдаи корҳои ҷустуҷӯӣ-иктишофӣ асоснок карда мешавад.

Чунин тасдиқи умумиқабулшуда мавҷуд аст, ки ҷамъшавии саноатии карбогидридҳо дар таҳшинҳои табошири пастхамии Фарғона, ки дар шароитҳои континенталии оби ширин ва оби шӯр ба вуҷуд омадаанд, аз лиҳози пайдоиш дуюмини мебошанд. «Карбогидридҳо дар тӯли минтақаҳои вайроншавии ҷинсҳо, майдашавӣ ва зичшавии сохторҳои зерин ҷорӣ шуда, дар қабатҳои болоии таҳшинҳо конҳоро ба вуҷуд овардаанд» [26, с.61].

Аз ин рӯ, вазифаи аввалиндараҷа ҳангоми муайян ва омода намудани чинҳои маҳаллӣ дар комплекси табошир ин харитасозии минтақаҳои вайроншавии якпорчагии ҷинсҳо бо ёрии таҳқиқоти иктишофӣ сейсмикӣ аз рӯи нопадид шудани инъикоси синфазӣ мебошад. Ҳангоми асоснок кардани дурнамои нафтугазнокии таҳшинҳои табошири Фарғонаи Ғарбӣ аз ҷониби муаллиф муносибати дифференсиалӣ, ки бо назардошти омили геотектоникӣ, маълумот дар бораи комплекси минтақавии нафтугазнок ва дараҷаи омӯзиши онҳо амалӣ карда шудааст,

истифода бурда шуд. Ҳангоми хулосабарорӣ дар бораи дараҷаи дурнамои ҳам сохтори мушаххаси антиклиналӣ ва ҳам дар умум кулли минтақа, тамоми малумоти мавҷудаи геологӣ-геофизикӣ, аз ҷумла параметрҳои хусусиятҳои маҳзанӣ, покришкаҳо ва гидрогеология истифода шудааст.

Дар ҳудуди Фарғонаи Ғарбӣ таҳшинҳои табошир дар чоҳҳои майдонҳои Нафтобод (чоҳи № 60), Селроҳа (чоҳи №180), Айритан (чоҳҳои №8, 31), Равот (чоҳҳои №8, 41), Конибодом (чоҳи №24), Конибодоми Шимолӣ (чоҳи №14), Маданияти Шарқӣ (чоҳи №1), Маданият (чоҳи №4), Ниёзбек (чоҳҳои №10, 12, 16, 19, 20), Қаракчикуми Шимолӣ (чоҳҳои №1, 2, 3, 4) кушода шудаанд. Дар тамоми 15 чоҳе, ки таҳшинҳои табоширро бо гирифтани маҳак кушодаанд, ҳамагӣ 355,7 метр гузашта шудааст. Фоизи маҳаки гирифташуда 218,43 метрро (61,4 %) ташкил дод. Барои уфуқҳои маҳзанӣ фоизи баровардани маҳак 62,7 % (138,06 метр)-ро ташкил дод. Материали кернӣ бештар барои маҳзанҳои XV, XV-а, XVIII-ро муаррифӣ мекунад. Маводи маҳакӣ барои қабатҳои XII ва XIII комилан омӯхта нашудааст, агар як намунаро дар чоҳи № 20-и майдони Ниёзбек ба назар нагирем.

Дар буриши таҳшинҳои табошири ҳавзаи Фарғонаи Ғарбӣ аз ҷониби мо 16 уфуқи маҳзанӣ ошкор карда шуд, ки аз ҷиҳати стратиграфӣ свитаҳои гуногунранг (XI, XII, XIII, XIV), Яловач (XV, XVI, XVII), Қалача (XVII-а, XVII-б, XVII-в, XVII-г), Лякан (XVIII) ва Гузан (XIX-XXII)-ро фаро мегиранд. Ҳангоми ҳаракат аз ноҳияҳои марказии Фарғона ба самти ғарбӣ, коҳишёбии ғафсии таҳшинҳои табошир аз 1961 метр (чоҳи №1П Алан) то ба сифр (чоҳи №1 Қистақоз) ба амал меояд. Маводҳои маҳакӣ аз рӯи ин уфуқҳо нобаробар омӯхта шудааст. Қабатҳои XV ва XVIII пурратар равшан карда шудаанд. Аз ҷиҳати литологӣ онҳо асосан бо алевролитҳо аз 9,0 то 26,48 % ва гузаронандагии аз 32,1 то 614,9 мД пешниҳод шудаанд.

Он чиз низ муҳим аст, ки дар МСТ-и марказии Фарғонаи Ғарбӣ поинравии таҳшинҳои табошир ба умқҳои калон метавонад шароитеро барои ба таври назаррас зиёд шудани фишорҳои қабатӣ ба вуҷуд орад. Дар натиҷа, кучи карбогидридҳо аз маҳзанҳои юраи дар поён хобида ба таҳшинҳои табошир ва палеогени ноҳияҳои болоӣ ба амал меояд. Бо ҳамин ҷойгиршавии аксари конҳои нафту газ дар минтақаҳои паҳлуи ҷанубӣ фаҳмонда мешавад. Қадамҳои минбаъда дар омӯзиши маҳзанҳои синни табошири Фарғонаи Ғарбӣ бояд дар заминаи ҷудокунии муфассали онҳо дар чоҳҳои нави амиқ бо интихоби дурусти маҳак ва истифодаи маҷмӯии таҳқиқоти стратиграфӣ ва геофизикӣ барои муайян кардани литология ва синни онҳо амалӣ карда шавад.

Омӯзиши таркиби минералогии гилҳо (фраксияи камтар аз 0,001 мм) бо истифода аз таҳлилҳои иммерсионӣ, термӣ, химиявӣ, рентгеноструктурӣ ва электронӣ-микроскопӣ нишон дод, ки дар гилҳои неоком-апт, ки дорои хусусиятҳои фатсиалӣ-лагунии континенталӣ мебошанд, минералҳои асосӣ ва доимо ҳузурдоштаи гилӣ гидрослюда, хлорит ва монтмориллонит мебошанд. Таҳшинҳои альб, ки асосан дар шароити таҳшиншавии баҳрӣ ба вуҷуд омадаанд, ба ғайр аз минералҳои гилии номбаршуда, инчунин каолинит ва сохтори омехта-қабатии хлорит-вермикулитиро доранд.

Таҳлили тақсимоти минералҳои гил ва ғафсии ҷинсҳои флюидоупор нишон медиҳад, ки онҳо дар ҳудуди Фарғонаи Ғарбӣ барои ҳифзи конҳои нафту газ дорои сифатҳои мусоид мебошанд. Ноҳияҳои аз ҳама дурнамодор дар ин ҷанба буришҳое мебошанд, ки дар ҳудуди МСТ-и марказӣ ва ҷанубӣ ҷойгиранд.

Дар шароитҳои Фарғонаи Ғарбӣ маҳзанҳои терригенӣ-карбонатии табошир дорои гуногуншаклии зиёди фатсиалӣ мебошанд: аз фатсияҳои регӣ-гравелитии дуруштпора, ки дорои хусусиятҳои хуби филтратсионӣ-ғунҷоишӣ мебошанд, то гилҳои майдадона ва мергелҳо, ки ҳамчун покришкаҳои боэътимод баромад мекунанд. Омӯзиши тақсимот ва ҷойгиршавии мутақобилаи ин фатсияҳо имкон дод, ки генезиси таҳшинҳои табошир муайян карда шуда, се сикли седиментатсионӣ ҷудо карда шавад, ки ҳар кадоми онҳо марҳилаи муайяни ташаккули таҳшинҳои омӯхташударо инъикос мекунанд. Ҳар як сикли седиментатсионӣ марҳилаи муайяни ҳосилшавии таҳшинҳои табоширро инъикос менамояд. Барои ҳар як сикл харитаҳои палеоҷуғрофӣ тартиб дода шудаанд, ки дар онҳо таҳаввулоти

палеоландшафтҳо дар фазо ва вақт дар давоми давраи табошир дар ҳудуди Фарғонаи Ғарбӣ нишон дода шудааст.

Пеш аз оғози ташаккули замони табошири дар давраи триаси болоӣ на танҳо дар ҳудуди минтақаи таҳқиқшаванда, балки дар фазои васеи Осиёи Марказӣ режими тӯлонии континенталӣ ҳукмфармо буд, ки дар натиҷаи он фарсоиши физикӣ ва химиявии ҷинсҳо бо пайдоиши пӯстҳои фарсоишии синни триаси миёна-боло ба амал омад.

«Аҳамияти махсусро муайян кардани минтақаҳои фатсиалӣ, ки дорои тавсифоти мусоиди литологӣ ва филтратсионӣ-ғунҷоишӣ мебошанд, дар марҳилаҳои аввали корҳои ҷустуҷӯӣ, хусусан дар ноҳияҳое, ки қаблан камдурнамо ҳисобида мешуданд, доро мебошад. Дар шароити камшавии захираҳо дар комплекси палеоген ва маҳдудияти ҷустуҷӯҳои муосир, гузариш ба омӯзиши муфассали таҳшинҳои табошир дарки амиқи тағйирёбӣ ва таърихи рушди палеобассейнҳоро талаб мекунад» [3-А].

Маҳсулоти коркарди қишри фарсоишӣ ҳоло хеле кам истифода мешавад ва ин ҳам бо хусусияти релефи тотабошир ва ҳам бо шароитҳои минбаъдаи таҳшиншавӣ вобаста аст. Аз ҷиҳати генетикӣ ин таҳшинҳо бо шароитҳои делювиалӣ-пролювиалӣ, аз ҷумла бо таҳшинҳои кӯлии шлейфи пролювиалӣ алоқаманданд. Онҳо асосан дар нишебиҳои баландиҳои релефи замони табошир боқӣ мондаанд, зеро пастиҳои релефи ин замон дар робита бо оғози таҳшиншавии табошир, майдони фаъолияти баланди палеодарёҳо гардида буданд.

Сикли аввалини седиментатсионӣ (қабатҳои Гузан, Лякан, Қизилпилол). Дар давраи ташаккули таҳшинҳои ин сикли седиментатсионӣ, Фарғонаи Ғарбӣ ҳамчун вилояти седиментатсия ташаккул ёфта буд, ки хусусияти асосии палеоландшафтҳои он мавҷудияти як қатор водиҳо буд. Буришҳои муосир имкон медиҳанд, ки ин водиҳо танҳо дар буриши уфуқӣ пайгирӣ карда шаванд, бинобар ин дарозии онҳо номаълум боқӣ мемонад. Тахмин кардан мумкин аст, ки ба самти ҷануб, ба сӯи минтақаи марказии сохторӣ-тектоникӣ, андозаи онҳо тадриҷан зиёд мешвад. Дар қисми бештари қаламрав, ки бо баромадҳои таҳкурсии палеозой тақсим шудаанд, хусусиятҳои фатсиалӣ-палеоҷуғрофӣ ба равандҳои таҳшиншавӣ мусоидат намекарданд.


Дар қисмати ғарбии дарвозаи Хуҷандии таҳкурсии палеозой ва афроштаи Пахтакор-Сариҷар дар ҷануб, аз ҷиҳати ҷуғрофӣ водии қадимаи дарёи Пра-Сирдарё ҷойгир шуда буд. Дар давраи табошири поёнӣ ин водӣ самти возеҳи уфуқиро дошта, бо баромади тадриҷан васеъшаванда ба самти ғарб, ба сӯи ба истилоҳ Дарвозаи Хуҷанд тавсиф меёфт. Худи дарёи Пра-Сырдарё аз рӯи низоми гидрологӣ артерияи маъмулии кӯҳӣ буд, ва водии он бо сохти асимметрии хеле возеҳ ба самти нисбатан нишеби шимолӣ ва ҳамвори ҷанубӣ фарқ мекард. Дар соҳили рости ин низоми дарёӣ дар ҳама ҷо ландшафти васеи тайфдор-кӯлӣ инкишоф меёфт (расми 8).

Дар қисмати ҷанубу шарқии минтақа, дар байни афроштахои Нафтобод-Чилгазӣ водии дарёи Пра-Шӯроб ҷойгир шуда буд, ки дар самти субмеридионалӣ (тулӣ) аз ҷануб ба самти шимолу шарқ паҳн мешуд. Он дар қисмати зиёди ҷараёни худ пайгирӣ карда мешавад ва бо сохти ноҳамгуни худ тавсиф меёбад. Дар болооби худ, дар ноҳияи ҷойгиршавии буриши Шӯроб ва Нафтобод, он хусусияти кӯҳӣ дошт, аммо дар поёноби ҷараён, аллакай дар ноҳияи Айритан ва Равот, аломатҳои дарёи ҳамвори кӯҳиро пайдо мекард. Дар ҳамин самт хурдшавии андозаи ҷинҳои низ ба амал меояд. Ба самти шимол, наздиктар ба МСТ-и марказӣ (Равот, чоҳи №8, Конибодом, чоҳи № 24) таҳшинҳои тайфдор, ки бо таҳшинҳои реги майдадона иборатанд, рушди васеъ доранд.

Ба қисматҳои марказӣ ва ҷанубу ғарбии минтақа, ба дарёи Пра-Сирдарё ҳам аз шимол ва ҳам аз ҷануб шохобҳои Пра-Кучкак, Пра-Аучиқалача, Пра-Маданият, Пра-Обишифо, Пра-Адрасмон, Пра-Қизилҷар ва ғайраҳо мерехтанд. Онҳо ба дарёи Пра-Сирдарё ҳамроҳ шуда, онро ба як дарёи бисёршохоба бо водии васеи хусусияти ҳамвордошта табдил медоданд.

Ҳамин тариқ, хусусияти асосии шароитҳои фатсиалӣ-палеоҷуғрофии рушди Фарғонаи Ғарбӣ дар давраи сикли аввалини седиментатсионӣ ин низоми ноустувори ҳаракатҳои тектоникӣ мебошад. Минтақаҳои баландшавӣ ва пастшавӣ якдигарро ҳамроҳӣ мекарданд. Яке

аз қисмҳое, ки дар ин давра баландшавиро аз сар гузаронд, афроштаи Гузан буд, ки нақши манбаи иловагии материали терригениро иҷро мекард.



Расми 8. — Харитаи схематикии палеоҷуғрофии давраи ҷамъшавии таҳшинҳои мезосикли аввал (табошири поёнӣ). (Ишораҳои шартии палеоландшафтҳоро дар расми 10 бинед) (Мураттибон: Раҳимов Ф.А., Мавлонӣ С.Р., соли 2025)


Сикли дуюми седиментатсионӣ (қабатҳои Қалача, Экзогир, Яловач). Дар ҷанбаи стратиграфӣ ин сикли седиментатсионӣ давраи сеноман-туронии ташаккули таҳшинҳоро дар бар мегирад. Оғози давраи пайдоиши таҳшинҳои сикли дуюми седиментатсионӣ (свитаи Қалача) бо як андоза фаъолшавии низоми геотектоникӣ тавсиф меёфт, ки ин боиси афзоиши фаъолияти дарёҳо — минбаъд амиқтаршавии онҳо ва коркарди профили мувозинат (профиль равновесия) гардид. Дар ин давра дарёҳо ҳангоми баромадан аз кӯҳҳо гӯё дар тӯли ҳамвории пешкӯҳӣ паҳн мешуданд ва бинобар ин водиҳои возеҳ ифодаёфта надоштанд. Дарёҳо мисли пештара танҳо дар сарчашмаҳои худ хусусияти кӯҳӣ доштанд. Аммо, таносуби байни хусусият ва дарозии қисмҳои онҳо тағйир ёфт [17].

Акнун дар байни нишондодҳои мутлақи сатҳи об дигар фарқияти калон мавҷуд набуд ва дарёҳои ҳамвории пешкӯҳӣ ифодаи возеҳтари морфологӣ пайдо карданд; тақсимоти якборатар ва ҷойгиршавии майдонии намудҳои муайяни ландшафтҳо ба амал омад ва дар дохили водиҳои дарёӣ тамоюли рушди васеътари аллювийи тайфдор ба вуҷуд омад, ки онҳо ба ташаккули чор уфуқи муҳими маҳзанӣ — XVII-а, XVII-б, XVII-в ва XVII-г мусоидат намуданд.

Шуруъ аз турони поёнӣ (давраи ҷамъшавии свитаи Экзогир), минтақаи омӯхташуда ба майдони рушди таҳшинҳои пайдоиши баҳрӣ табдил ёфт. Ба ин пастшавии умумии пастхамии Фарғона мусоидат намуд, ки он ба чаҳорчӯбаи қаламрав низ таъсир мерасонд. Қисми зиёди афроштаҳо ба зери сатҳи баҳр фурӯ рафтанд. Мувофиқан, овардани ҷинсҳои донадор кам шуда, ҷинсҳои карбонатӣ-гилӣ афзоиш ёфтанд.

Мувофиқи анҷоми давраи ҷамъшавии свитаи Экзогир ва оғози ҷамъшавии свитаи Яловач (турони болоӣ), (расми 9) дар ҳудуди қаламрави омӯхташуда дигаргуниҳои куллӣ дар шароитҳои фатсиалӣ-палеоҷуғрофии таҳшиншавӣ ба амал омаданд. Ҷинсҳои карбонатӣ бо

қабатҳои гилҳои бо материали оҳакӣ бойшуда, ки дар давраи ташаккули свитаи Экзогир муайянкунанда буданд, бо регсангҳои майда ва миёнадона иваз шуданд. Ин фактҳо гувоҳӣ едиҳад, ки дар ин давра қаламрави мавриди баррасӣ ба бардошташавии васеъ дучор шудааст, ки дар натиҷаи он шароитҳои баҳрӣ ба ҷамъшавии ҳосилаҳои субаквалии асосан континенталӣ табдил гардад. Дар қаламрави Фарғонаи Ғарбии муосир шароитҳо барои ҷамъшавии таҳшинҳои фатсияи регсангҳо ва гравелитҳои аллювиалӣ-ҳамворӣ ҳукмфармо шуданд. Хусусиятҳои литогенетикӣ ва филтратсионӣ-ғунҷоишии ин қумсангҳо ва гравелитҳо имкон медиҳанд, ки дар ҳаҷми ин комплекси стратиграфӣ се уфуқи маҳзанӣ — XV, XVI ва XVII ҷудо карда шаванд.




Расми 9. — Шусташавии дохилиформатсионӣ дар регсангҳои свитаи Яловач (Мураттиб: Раҳимов Ф.А., соли 2025)

Дар сохти уфуқҳои маҳзании қисми поёнии сикл (қабати Қалача) конгломератҳои сурхранг, ба гравелитҳо ва регсангҳои дуруштдона табдил мешаванд. Болотар аз рӯи буриш онҳо бо гилҳои сурх, мергелҳо ва оҳаксангҳо пӯшонида шудаанд. Дар ташаккули ин таҳшинҳо дарёҳои Пра-Исфара ва Пра-Шӯроб нақши муҳим бозидаанд. Дар ҷанубу шарқи пастхамии Фарғона «оҳаксанги Гулча» бо фаунаи баҳрӣ дучор мешавад, ки аз гузариши фатсияҳои кӯлӣ ба баҳрӣ шаҳодат медиҳад.

Ҳамин тариқ, дар замони турони поёнӣ намудани минтақаи седиментатсионӣ аз шакли он дар давраи Қалача ба таври назаррас фарқ мекард. Ин минтақа бо фаъолияти баланди гидродинамикӣ тавсиф мешуд. Пастшавии ноҳияҳои марказӣ боиси гузариши қабати фаунадор ба фатсияҳои наҳрии баҳрӣ гардид. Бо устувор шудани низоми баҳрии таҳшинавӣ, миқдорӣ воридшавии маводи терригенӣ ба минтақаи ҷамъшавӣ коҳиш ёфта, дар фазои васеъ ҷинсҳои гилии аз карбонатӣ ҷамъ шуданд (расми 10).

«Дар сохти уфуқҳои маҳзании қисми поёнии сикл (свитаи Қалача) конгломератҳои сурхранг иштирок намудаанд, ки онҳо дар тӯли паҳншавии худ аз гравелитҳои гуногундона ба қумрегсангҳои дуруштдона табдил меёфтанд. Болотар қумрегсангҳо бо қабатҳои гилҳои сурх, мергелҳо ва оҳаксангҳо пӯшонида мешуданд. Ин ҷинсҳоро ҳамчун **«фатсияи конусҳои бароварди (конусы выноса) сурхранги конгломератҳо»** ҷудо мекунанд» [9, с.27; 14, с.58].



Расми 10. — Харитаи схематикии палеоҷуғрофии давраи ҷамъшавии таҳшинҳои свитаи Экзогир (турони поёнӣ) (Мураттибон: Раҳимов Ф.А., Мавлонӣ С.Р., соли 2025)

Дар марҳилаи ниҳоии ташаккули сикли дуюми седиментатсионӣ (свитаи Яловач) минтақаи мавриди баррасӣ маҷмӯи мураккаби фатсияҳои регии генезиси кӯлӣ ва баҳрии наҳриро (мелководный морской генезис) пешниҳод менамуд. Ҳузури донаҳои глауконит, ки ба қумсангҳо ранги сабзтоб медиҳад, мавҷудияти фатсияҳои регии баҳрии наҳриро асоснок мекунад. Уфуқҳои маҳзание, ки дар ин шароитҳо ба вуҷуд омадаанд (XV, XVI, XVII), дар аксари сохторҳои антиклиналии қисми марказии пастхамии Фарғона маҳсулдор (продуктивӣ) мебошанд ва ба ташаккули конҳои калони нафт, газ ва газоконденсат (Сохи Шимолӣ, Палванташ, Бостон ва ғайра) мусоидат намудаанд [15].

Бо боварӣ метавон мавҷудияти конҳои нафту газро, ки бо ин уфуқҳои маҳзанӣ алоқаманданд, дар қаламрави Фарғонаи Ғарбӣ низ тахмин кард.

Сикли сеюми седиментатсионӣ (қабати гуногунранг/пестроцветная) давраи ташаккули таҳшинҳои табошири болоиро тавсиф менамояд. Хусусияти хоси фатсиалии ин қисми стратиграфии ташаккули таҳшинҳои табошир ин дар ҳама ҷо коҳиш ёфтани андозаи миёнаи материали шикастапорагӣ ва дар сатҳи майдон афзоиш ёфтани нақши ҷинсҳои гилӣ мебошад. Аз ҳама муҳим ин пайдоиши ҷинсҳои сулфатӣ (свитаи Гознау) — гаҷҳо ва ангидритҳои дорои ғафсии азим (30-50 м) дар қисми болоӣ ва анҷомбахши ташаккули таҳшинҳои табошири болоии Фарғонаи Ғарбӣ мебошад.

Гаҷҳо қисми органикии сикли таҳшиншавии табошир ба шумор мераванд ва сарҳади байни қабатҳои табошир ва палеогенро аз рӯи болопӯши (кровля) қисми миёнаи гипсҳои Гознау гузаронидан зарур аст. Чунин хулоса инчунин бо ақидаи Н.М. Страхов [25] мувофиқат мекунад, ки ҳангоми суханронӣ дар бораи хусусиятҳои фарқкунандаи литогенези намуди аридӣ қайд мекунад: «литогенези намуди аридӣ ба ду зернамуд тақсим мешавад: автохтонӣ, ки аз ҳисоби захираҳои обии худӣ ва материали минтақаи аридӣ содир мешавад, ва аллохтонӣ, ки бо материали минтақаҳои уфуқӣ ва амудии гумидии (намноки) ҳамсоя таъмин мегардад» [25, с.11].

Аз таҳлили хусусиятҳои сохти буришҳои таҳшинҳои сикли севуми седиментатсионӣ, нигаронии минбаъда дар ҳамворшавии релеф, коҳиши майдони ривоҷёбии аллювийи кӯҳӣ, ҷалб шудани қисми минтақаҳои пештараи интиқоли материали шикастапорагӣ ба минтақаҳои таҳшиншавӣ, инчунин кам шудани майдонҳо ва нишондодҳои мутлақи баландшавиҳои пеш аз табошир муайян карда мешавад. Дар маҷмӯъ, ин шароитҳои фатсиалӣ-палеоҷуғрофӣ ба

ташаккули чор уфуқи маҳзанҳо (XI-XIV) мусоидат намуданд, ки онҳо дар ҳудуди аксари конҳои карбогидридҳои пастхамии Фарғона (Палванташ, Сохи Шимолӣ) маҳсулдор мебошанд.

Дар марҳилаи охирини рушди худ, ҳавзаи табошири Фарғонаи Ғарбӣ, мисли тамоми пастхамии Фарғона, ба лагунаи васеъ табдил ёфт. Ба фикри умумиқабулшуда, ин бо зуҳуроти ҳаракатҳои тектоникии болорав (восходящие тектонические движения) алоқаманд буд, ки ҳамзамон бо пурзӯр шудани тақсимшавии релефи ҳавза, алоқаи озоди халиҷи Фарғонаро бо баҳри кушодаи соҳилии дар шарқтар ҷойгиршуда душвор гардониданд.

Дар **боби чоруми** диссертатсия **«Пешгӯии нафтугаздорӣ ва муайян намудани вазифаҳою самтҳои корҳои ҷустуҷӯй-разведкавӣ дар Фарғонаи Ғарбӣ»**, самтҳои стратегии корҳои геологӣ-иктишофӣ (КГР), меъёрҳои ҷудо кардани объектҳои дурнамодор баррасӣ шуда, асосноккунии техникӣ-иқтисодии лоиҳаҳои аввалиндараҷа дода мешавад.

Дар муносибати нафтугаздорӣ, Фарғонаи Ғарбӣ дар марҳилаи муосир асосан бо коркарди захираҳои комплекси палеогенӣ тавсиф меёбад, ки ин зарурати кӯчонидани фокуси ҷустуҷӯиро ба таҳшинҳои кам омӯхташудаи замони табошир муайян мекунад. Пешгӯии маҳсулнокии онҳо як вазифаи мураккаби илмӣ-амалӣ мебошад, ки ба қисмҳо ҷудо шудани маълумоти аввалияи геологӣ-геофизикӣ, дараҷаи баланди номуайянӣ ва зуҳуроти фишори ғайримуқаррарии баланди қабатӣ (ФГБҚ / АВПД) мушкил гардидааст.

«Пешгӯии нафтугаздорӣ дар ноҳияҳои нави амиқхобида ҳамеша бо таваккалҳои (рискҳои) баланди геологӣ алоқаманд аст, ки ин интегратсияи маълумоти гуногунҷабҳа, истифодаи моделсозии аналогӣ ва марҳила ба марҳила коҳиш додани номуайяниро талаб мекунад» [21, с.8].

«Гузариш ба арзёбии миқёсан пурраи комплекси табошири Фарғонаи Ғарбӣ ба омӯзиши хусусиятҳои литологии маҳзанҳо, паҳншавии онҳо, минтақаҳои тунукшавӣ ва пуррагии стратиграфии буришҳо, ки дар минтақаҳои баландшавиҳои инверсионӣ дучори коҳишёбии сингенетикӣ гаштаанд, асос меёбад» [29, с.102].

Дар канорҳои ҷанубӣ ва марказии пастхамии Фарғона, дар ҳудуди қисми тоҷикистонии минтақа, аз ҷониби мо **22** майдони дурнамодор ҷудо карда шудааст. Дар ҷанбаи стратиграфӣ, қабати табошири поёнӣ дар ин ҷо барои ошкор намудани конҳо дар таҳшинҳои терригении сурхранги свитаҳои Лакан (уфуқи XVIII) ва Гузан (уфуқҳои XIX–XXII) дурнамодор аст, ва табошири болоӣ — дар таҳшинҳои сюитаҳои Яловач (уфуқҳои XV–XVI) ва Қалача (уфуқи XVII а, б, в, г).


«Дар ноҳияи сохтори антиклиналии Маҳрам, ки ҳамчун объекти калонтарин ва дурнамодори минтақаи марказии сохторӣ-тектоникӣ баррасӣ мешавад, нафтдории саноатии палеоген бо ҷараёни фавворавии чоҳи №2 бо истихроҷи тақрибан 500 тонн дар як шабонарӯз тасдиқ шудааст» [6, с.58].

«Гузариш ба тибқи нави банақшагирӣ ва баҳисобгирии афзоиши захираҳои карбогидридҳо ба як вазифаи муҳим (актуалӣ) табдил меёбад. Таваҷҷуҳи махсус бояд ба қисми марказии минтақа, аз ҷумла ба минтақаи сохтори антиклиналии Маҳрам ва акваторияи обанбори Қайроққум (513 км^2 ҳангоми сатҳи муътадили нигоҳдории об, дарозиаш — 55 км, паҳнояш — то 20 км) зоҳир карда шавад» [12-А, 13-А].

Мувофиқи маълумоти «Сомон Ойл», дар зери оби обанбор зиёда аз 20 сохтори дурнамодор ҷойгир шудаанд, ки барои гузаронидани корҳои ҷустуҷӯй-иктишофӣ мувофиқ мебошанд. Бо назардошти умқи миёнаи обанбор (8,1 м, ҳадди аксар — 25 м), дар ин ҷо ба даст овардани самаранокии баланди КГР имконпазир аст: то 40 % азхудкунии ЗПД ресурсҳои аввалияи аз рӯи нафт ва 56 % — аз рӯи газ (расми 11).

Мувофиқи арзёбиҳо аз рӯи категорияҳои C_3 ва D, амалисозии корҳо метавонад дараҷаи иктишофшударо аз рӯи нафт 50 % ва аз рӯи газ 70 % афзоиш диҳад ва онро ба ҳадди геологӣ наздик кунад. Барои нигоҳ доштани афзоиши захираҳо, ҳаҷми пармакуниро дар ин ноҳия 50% зиёд кардан лозим аст. Дар айни замон, истифодаи усулҳои баландихтисоси геологӣ-геофизикӣ гузаронидани ҷустуҷӯи конҳои зериобии нафту газро мақсаднок ва муваффақона таъмин месозад. Ин равиш метавонад на танҳо барои Тоҷикистон, балки барои давлатҳои

Осиёи Марказӣ низ як самти нав гардад. Арзёбиҳо нишон медиҳанд, ки дар сурати сатҳи кунунии азхудкунӣ (тақрибан 20 % аз рӯи нафт ва 40 % аз рӯи газ) самаранокии геологӣ-иктишофӣ метавонад аз рӯи нафт 5 баробар ва аз рӯи газ тақрибан 4 баробар коҳиш ёбад. Ин аз зарурати омодагӣ ба азхудкунии миқёсан пурраи таҳшинҳои табошир гувоҳӣ медиҳад.



Расми 11. — Схемаи азхудкунии маҷмӯии сохторҳои нафтугаздор ва самтҳои афзалиятноки КГР дар қисми ғарбии пастхамии Фарғона (Мураттибон: Раҳимов Ф.А., Мавлонӣ С.Р., соли 2025)

Дар Фарғонаи Ғарбӣ эҳтиёҷ ба афзоиши «умумии» захираҳои категорияи C_1 боқӣ мемонад, зеро ресурсҳои пешгӯишаванда барои таъмин намудани сатҳи устувори истихроҷи нафту газ дар 30–40 соли наздик ба таври кофӣ омӯхта нашудаанд. Роҳи ҳалли оптималӣ ин иктишофӣ конҳои нав бо миқдори ҳадди ақали чоҳҳо (як-се чоҳ) мебошад, ки имкон медиҳанд миқёси захираҳо муайян карда шуда, объектҳои аз ҳама фоидаовар барои коркарди минбаъда интихоб карда шаванд. Ҳадафи ниҳоии КГР ин ноил шудан ба ҳадди геологии иктишофшудаи ресурсҳо ва омодасозии конҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ самаранок барои азхудкунӣ мебошад.

«Ҷузъи калидии пешниҳоди сармоягузорӣ арзёбии боэътимоди ресурсҳо ва захираҳои карбогидридҳо мебошад. Барои ин истифода бурдани таснифот ва стандартҳои байналмилалӣ (масалан, PRMS, SPE), инчунин истифодаи усулҳои геостатистикӣ, моделсозии сеченакаи (3D) конҳо ва таҳлили номуайяниҳо зарур аст. Ин маълумотҳо асосро барои қабули қарорҳо аз ҷониби сармоягузорони эҳтимолӣ ташкил медиҳанд» [3, с.11; 28, с.321].

Бояд ба назар гирифт, ки геологияи муосири нафт ва коркарди минбаъдаи конҳо ногузир бо маҷмӯи таваккалҳои геологӣ, техникӣ, экологӣ ва иқтисодӣ алоқаманданд. Пешниҳоди сармоягузорие, ки аз ҷиҳати илмӣ ва касбӣ саводнок тартиб дода шудааст, ба сармоягузорон ба таври аёнӣ нишон медиҳад, ки кадом чораҳои пешгирикунанда барои самаранок коҳиш додани ин таҳдидҳо — сар карда аз ҷорӣ намудани технологияҳои пешқадами боэътимод ва анҷом бо риояи қатъии стандартҳои байналмилалии бехатарии экологӣ пешбинӣ шудаанд.

Ширкатҳои оператор пешниҳодҳоро таҳлил намуда, онҳоро бо активҳои дигар муқоиса мекунанд, бюджетҳоро тақсим менамоянд, рушди инфрасохтори минтақа ва имкониятҳои интегратсияро арзёбӣ мекунанд. Пешниҳодҳои дорои сифати баланд ба афзоиши эътимод аз ҷониби сармоягузорони хориҷӣ, бастани созишномаҳо дар бораи тақсими маҳсулот (СТМ / СРП) ва имзои қарордодҳои лисензионӣ (иҷозатномавӣ) мусоидат менамоянд» [1, с.25; 2, с.7].

Дар қисми хотимавии ин бахши автореферат ду пешниҳоди муҳими сармоягузорӣ оид ба майдони Маҳрам ва кони Селроҳа мухтасар шарҳ дода шудаанд. Ин пешниҳодҳо дар матни диссертатсия дар шакли асосноккунии техникӣ-иқтисодӣ (АТИ / ТЭО) таҳия гардида, барои ҷалби сармоя ва татбиқи минбаъдаи корҳои ҷустуҷӯӣ-иктишофӣ пешниҳод шудаанд.

Пешниҳодҳои мазкур аз ҷониби ҶСК «Суғднафтугаз» барои истифодаи амалӣ ҳангоми банақшагирӣ ва гузаронидани корҳои геологию ҷустуҷӯӣ қабул гардидаанд, ки ин ҳолат бо санади татбиқи натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ (Протоколи ҷаласаи геологӣ-техникии № 5 аз 9 июни соли 2025) расман тасдиқ шудааст. Хулосаҳо ва тавсияҳои илмии таҳқиқот инчунин аз ҷониби Шӯрои илмии Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи АМИТ (протоколи аз 16 июни соли 2025) баррасӣ ва маъқул дониста шуда, барои баррасӣ ва татбиқи минбаъда ба Раёсати АМИТ пешниҳод гардидаанд.

ХУЛОСАҲО

Натиҷаҳои таҳқиқотҳои гузаронидашуда, асосан ба маводҳои зерин ҷамъбаст мешаванд:

1. Сохтори муосири таҳшинҳои табошир (мел) бо навбатшавии пастхамиҳои калон ва баландшавиҳо тавсиф меёбад, ки онҳо бо дислокатсияҳои зинашакл (шикастаҳо, флексураҳо) асосан бо самти тақрибан уфуқӣ, мураккаб шудаанд [11-А, 16-А].

2. Коҳишёбии ғафсии таҳшинҳои табошир ба самти ғарб — ҳодисаи маҳаллӣ набуда, балки хусусияти регионалӣ дорад ва аз амплитудаи номувофиқатии стратиграфӣ ва миқёси шусташавиҳои дохилӣ форматсионӣ вобаста мебошад [5-А].

3. Намудбандии сохторҳои тектоникии комплекси табошири Фарғонаи Ғарбӣ дар асоси нишонаҳои морфогенетикӣ ичро карда шуд ва ин имкон дод ки се минтақаи сохторӣ-тектоникӣ (МСТ) ҷудо карда шавад: шимолӣ, марказӣ ва ҷанубӣ. Таснифоти сохторҳои антиклиналӣ дар ҳудуди ин минтақаҳо ҳангоми интихоби усулҳо ва самтҳои ҷустуҷӯи конҳои нафту газ аҳамияти калидӣ дорад [2-А, 7-А].

4. Аз нуқтаи назари мавҷудияти маҳзанҳо дар таҳшинҳои табошир бо хусусиятҳои хуби филтратсионӣ-ғунҷоишӣ (ХФҒ / ФЕС), он ноҳияҳоеро дурнамодор ҳисобидан лозим аст, ки дар давраи седиментатсия дар онҳо шароити назди соҳилии баҳрӣ мавҷуд буда, ба фаровонии ҳаёти органикию ҷараёни равандҳои эпигенетикии минбаъда мусоидат намудааст. Чунин объектҳо сохторҳои антиклиналие мебошанд, ки дар ҳудуди минтақаҳои сохторӣ-тектоникии марказӣ ва ҷанубӣ ҷойгир шудаанд [1-А, 13-А].

5. Дар қаламрави мавриди баррасӣ, дар баробари конҳои бо сохторҳои антиклиналӣ алоқаманд, инчунин метавонанд конҳои аз ҷиҳати стратиграфӣ ва литологӣ экраншуда (маҳдудшуда) ошкор карда шаванд. Имконияти аз ҳама эҳтимолии ошкорсозии онҳоро дар ноҳияҳои ғарбии қаламрав интизор шудан мумкин аст, ки дар он ҷо тангнокшавии майдонии маҳзанҳои терригенӣ (асосан регсангӣ) мушоҳида мешавад.

6. Барои ҷустуҷӯи карбогидридҳо дар таҳшинҳои табошир-палеоген, ҳудуди болотар аз шикасти Супетау ҷойгиршуда дурнамодор ҳисобида мешавад. Дар ин ҷо, дар қабати таҳшинҳои неогенӣ, қабатҳои ғафси намакҳои сангӣ (зиёда аз 1000 м) мавҷуданд, ки ҳамчун газбанд дар кони Мингбулоқи дар ҳамсоягӣ (дар ҳудуди Ӯзбекистон) ошкоршуда хизмат мекунанд. Ҳузури минералҳои омехтақабат дар ҷинсҳои гилӣ инчунин аз хусусиятҳои хуби изолятсионии ин ҷинсҳо гувоҳӣ медиҳад. Онҳо метавонанд ҳамчун покришкаҳо хизмат карда, ҷамъшавии карбогидридҳоро дар таҳшинҳои табошир-палеоген назорат намоянд [8-А, 10-А, 14-А].

7. Минтақаи зериобии обанбори Қайроққум аз ҷиҳати имконияти ошкор намудани конҳои нафтӣ ниҳоят дурнамодор мебошад, ки дар он ҷо мувофиқи ҳисобҳои мутахассисон зиёда аз 20 сохтори антиклиналӣ «хобидаанд». Истифодаи пармакунии баҳрӣ (зериобӣ) дар ин ҳудуд, ҳангоми умқи миёнаи ин ҳавзаи обӣ 8,1 м, ба ошкор шудани конҳои нави карбогидридҳо ҳам дар таҳшинҳои палеоген ва ҳам дар таҳшинҳои табошир мусоидат хоҳад кард [11-А, 12-А].

8. Дар қисматҳои паҳлӯии ҳудуди Ӯзбекистони пастхамии Фарғона, конҳо дар таҳшинҳои мезозой дар конҳои Избаскент, Шарихон-Хӯҷаобод, Палванташ, Риштони Шимолӣ, Сохи Шимолӣ ва ғайра муайян карда шудаанд. Чунин шароитҳои геологӣ дар қисми Тоҷикистонии ҳавазаи Фарғона низ мавҷуданд, ки дар ин ҷо бо муваффақият ошкор намудани чунин конҳо имконпазир аст. Бо ин мақсад, барои муайян кардани шаклҳои сохтории қадимӣ дар комплекси таҳшинии табошир, ки бо баландшавиҳои (фундаменти палеозой)

алоқаманданд, усулҳои геофизикиро, аз ҷумла таҳқиқоти магнитӣ ва таҳқиқоти гравитатсионӣ ро истифода бурдан мумкин аст. Баррасии маҷмӯии майдонҳои гравитатсионӣ ва магнитӣ имкон медиҳад, ки дар бораи муносибати сохторҳои ғилофи таҳшинӣ бо баландшавиҳои таҳдор хулоса бароварда шавад ва дар сурати мувофиқат омадан, дар бораи хусусиятҳои афроштаҳои қадимии сохторҳои антиклинали сухан гуфтан мумкин аст [4-А, 7-А].

9. Харитаи сохторие, ки бори аввал барои Фарғонаи Ғарбӣ аз сақфи свитаи Гознау сохта шудааст, тасаввуроти дақиқ медиҳад, ки қатшавии Ботиркӯрғон ҳамчун сохтори мустақил вуҷуд надорад. Он қисми периклиналии ғарбии сохтори Маҳрам мебошад, ки аз рӯи болопушӣ таҳшинҳои табошир сохтори антиклиналии дугунбазаи дорои самти паҳншавии субширотиро бо андозаҳои (аз рӯи изогипсаи маҳкамшудаи -5500 м 35-40 км дар тӯли тири дароз ва 3-4 км дар тӯли тири кӯтоҳ пешниҳод менамояд. Эътирофи ин ҳақиқат имкон медиҳад, ки ба стратегияи пешбурди ҷустуҷӯи карбогидридҳо дар ин майдон ҳам аз рӯи таҳшинҳои палеоген ва ҳам табошир ба таври нав таҳқиқот анҷом дода шавад [9-А, 16-А].

10. Минтақаҳои сохторӣ-тектоникии марказӣ ва ҷанубии Фарғонаи Ғарбӣ бештар дурнамодор мебошанд, зеро дар ин ҷо ташаккули конҳои калони бисёрқабатаи нафту гази намуди антиклиналӣ пешгӯӣ карда мешавад. Калонтарини онҳо кони Маҳрам мебошад, ки захираҳои он аз тамоми конҳои то ин замон дар минтақа маълумбуда ба таври назаррас зиёд аст. Гузаронидани пармакунии ҷустуҷӯй-иктишофӣ дар ҳудуди ин сохтор дорои аҳамияти баланд, ҷиҳати пешрафти иқтисодиети ҷумҳурӣ мебошад [8-А, 12-А].

11. Объектҳои аввалиндараҷа барои ошкор намудани захираҳои саноатии нафту газ дар ҳудуди қаламрави омӯхташуда сохторҳои Селроҳа, Оби Шифо, Айритан, Нефтобод, Кӯчқоқ ва Маданияти Шарқӣ мебошанд, ки дар онҳо таҳшинҳои табошир метавонанд дар умқҳои аз 300-500 м (Селроҳа) то 3500 м (Маданияти Шарқӣ) парма карда шаванд [6-А, 7-А, 12-А].

12. Хусусиятҳои фатсиалӣ-палеоҷуғрофии ҷамъшавии таҳшинҳои табошири Фарғонаи Ғарбӣ имкон медиҳанд, ки ақидаҳо дар бораи синни бухороии (палеогении) таҳшинҳои свитаи Гознау рад карда шаванд. Қабати гипсҳои свитаи Гознау ташаккули регрессивӣ ба шумор рафта, аз ҷиҳати фатсиалӣ сохторҳои лагунаи шӯршударо пешниҳод менамоянд, ва аз рӯи вақти ҷамъшавӣ — марҳилаи анҷомбахши тамоми таҳшиншавии давраи табошир мебошанд [4-А, 9-А].

ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ НАТИҶАҲОИ ИЛМИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Натиҷаҳои таҳқиқоти иҷрошуда имкон медиҳанд, ки дар бораи дурнамои баланди комплекси нафтугаздори табошири ҳавзаи Фарғонаи Ғарбӣ хулоса бароварда шавад, ки ин фаъолгардонии чорабиниҳои ҷустуҷӯй-иктишофиро дар ин самт талаб менамояд. Дар навбати аввал, гузаронидани пармакунии чоҳҳои параметрӣ ва ҷустуҷӯй дар ҳудуди сохторҳои бештар омӯхташуда мақсадбахш аст:

1. Кони Селроҳа иқтидори назарраси худро ҳам дар ҳудуди таҳшинҳои палеоген ва ҳам табошир нигоҳ медорад. Пармакунии чоҳи ҷустуҷӯй бо умқи то 950 м бо мақсади арзёбии уфуқи XIV тавсия дода мешавад. Натиҷаҳои бадастомада имкон медиҳанд, ки дар бораи мақсадбахшии тавсеаи барномаи КГР (корҳои геологӣ-иктишофӣ) қарор қабул карда шавад.

2. Дар қисми эҳтимолии тоқи сохтори Маҳрам, аз ҷониби мо пармакунии як чоҳи параметрӣ бо умқи 5500 м пешниҳод мегардад. Ин бо мақсади дақиқ намудани сохти ҳакмаҷониба амиқ, омӯзиши хусусиятҳои литологӣ ва филтратсионӣ-ғунҷоишии (ХФҒ / ФЕС) 20 маҳзани табошир ва палеоген, хусусияти тобнокӣ (сершавӣ)-и қабатҳо, баланд бардоштани дараҷаи категорияи мамбаҳо ва асосноккунии азхудкунии минбаъдаи саноатии сохтор зарур мебошад.

3. Мавҷудияти литотипҳое, ки ба минтақаҳои маҳсулдори ҳавзаи Фарғонаи Марказӣ монанд мебошанд, нишонаҳои мустақими нафтугаздории дар як қатор чоҳҳо бадастомада дар ҳудуди МСТ-и (минтақаҳои сохторӣ-тектоникии) марказӣ ва ҷанубӣ дар майдонҳои Дигмай, Қаракчиқуми Шимолӣ, Маданияти Шарқӣ, мавҷудияти объектҳои дурнамодор (антиклиналҳо, минтақаҳои тунукшавӣ, буришҳо, минтақаҳои шикаста ва ғайра), имконияти тавсеаи конҳои қаблан ошкоршуда ва кушодани конҳои нав, ки бо шаклҳои гемиантиклиналӣ ва домҳои

литологӣ алоқаманданд, имкон медиҳанд, ки азхудкунии мамбаҳои табошири ҳавзаи Фарғонаи Ғарбӣ самти аз ҳама боэътимод ҳисобида шавад.

4. Азхудкунии мамбаҳои табошири Фарғонаи Ғарбӣ бояд ҳамчун самти стратегӣ баррасӣ шавад, ки устувории дарозмуддати бахши нафту гази Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин менамояд. Дар ин замина, тавсеаи ҳаҷми пармакунии амиқи ҷустуҷӯӣ-иктишофӣ (то 5500–6000 м), гузаронидани 3D-корҳои иктишофӣ сейсмикӣ барои дақиқ кардани сохти сохторҳои дурнамодор, инчунин истифодаи маҷмӯии меъёрҳои литологӣ-фатсиалӣ ва палеоҷуғрофӣ барои пешгӯии минтақаҳои нафтугаздории эҳтимолӣ зарур аст.

Ҳамин тариқ, тавсияҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшудаи пешниҳодгардида барои соҳа аҳамияти истисноии амалӣ доранд, зеро онҳо мустақиман ба ҳалли амалии вазифаҳои стратегӣ оид ба афзоиши заминаи ресурсии карбогидридҳо нигаронида шудаанд ва ҳамчун асоси боэътимод барои таҳияи стратегияи оқилонаи дарозмуддати азхудкунии тамоми комплекси нафтугаздори табошири Фарғонаи Ғарбӣ хизмат мекунанд. Амалисозии ин равишҳо имкон медиҳад, ки самаранокии умумии корҳои геологӣ-ҷустуҷӯӣ ва иктишофӣ ба таври назаррас афзоиш дода шуда, рушди устувору муътадили бахши нафту гази Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин карда шавад.

ФЕҲРИСТИ КОРҲОИ ЧОПШУДА АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

А. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:

[1-А] Рахимов Ф.А. Айваджское палеоподнятие и его роль в формирования месторождений углеводородов. / С.Р. Мавлони, **Ф.А. Рахимов** // Журнал «Наука и инновация. Серия геологических и технических наук». Душанбе, 2023. № 2. - С. 67-72. ISSN 2664-1534

[2-А] Рахимов Ф.А. Фациально-палеогеографические особенности образования гаурдакской свиты в связи с поисками месторождения углеводородов в Афгано-Таджикской впадине./ С.Р. Мавлони, **Ф.А. Рахимов** // Журнал «ANAS Transactions, Earth Sciences» Баку, 2023. Спец. Выпуск. - С. 141-145. ISSN 2663-0419

[3-А] Рахимов Ф.А. Сульфатредуцирующие процессы в палеогеновых отложениях Гульдаринской антиклинали. /**Ф.А. Рахимов,** С.Р. Мавлони // Журнал «Новые идеи в науках о земле». Серия НЕФТЕГАЗОВОЕ ДЕЛО. Москва, 2025. Том 4. - С.84-89. ISSN 2618-9712

[4-А] Рахимов Ф.А. Фациально-палеогеографические особенности формирования меловых отложений Западной Ферганы / **Ф.А. Рахимов,** С.Р. Мавлони // Журнал «Известия ВУЗов Кыргызстана». 2025. № 2. С. 24–28. ISSN 1694-8475.

[5-А] Рахимов Ф.А. Эволюция седиментационного бассейна в историко-генетическом аспекте и перспективы нефтегазоносности меловых толщ Западной Ферганы/ **Ф.А. Рахимов** // Журнал «Наука и инновация. Серия геологических и технических наук». Душанбе, 2025. № 3. - С. 28-34. ISSN 2664-1534

[6-А] Рахимов Ф.А. Соляной тектогенез в афгано-таджикской впадине. / С.Р. Мавлони, **Ф.А. Рахимов** // Журнал «Вестник». Серия Естественных наук. Душанбе, Том 1, №3(49), 2025. - С.104-114. ISSN 2709-6238

Б. Монография:

[7-А] Раҳимов Ф.А. Монография.Нафт ва Газ: аз пайдоиш то иктишоф./ С.Р. Мавлони, **Ф.А. Рахимов** // Нашриёти: «Садои қалб», Душанбе, 2023. –196 с. ISBN 978-99985-63-13-1

В. Мақолаҳои дар дигар маҷаллаҳои илмӣ нашршуда:

[8-А] Рахимов Ф.А. Анализ сейсморазведочных работ на нефть и газ в юго-западном Таджикистане и проблемы их неэффективности. / **Ф.А. Рахимов** // // Материалы Международной научно-практической конференции «XII Ломоносовские чтения». Часть I. Естественные науки. Филиал МГУ имени М.В. Ломоносова в г. Душанбе, 29-30 апреля 2022. С. 319-322

[9-А] Рахимов Ф.А. Перспективы нефтегазоносности Вахшской структурно-тектонической зоны / С.Р. Мавлони, **Ф.А. Рахимов** // Известия НАН Таджикистана. Серия «Науки о Земле». - Душанбе, 2023. - № 1 (191). - С. 76–82

[10-А] Рахимов Ф.А. Душанбинский прогиб - необоснованно забытый нефтегазоносный район Афгано-Таджикской впадины./С.Р. Мавлони, **Ф.А.Рахимов**// Материалы Международной научно-практической конференции. «Актуальные проблемы нефтегазовой геологии освоения углеводородного потенциала недр и пути их решения»(10-12 декабря 2023 год) Ташкент, 2023. – С. 167–172.

[11-А] Рахимов Ф.А. Историко-генетическая эволюция седиментационного бассейна в меловое время (Западная Фергана) / С.Р. Мавлони, **Ф.А. Рахимов** // Материалы Международной научно- практической конференции «Нефтегазоносность активизированных областей Туранской платформы и её горного обрамления» ГУ ИГИРНИГМ Ташкент, 2025.- С.16-19

[12-А] Рахимов Ф.А. Месторождение Махрам: геологическое строение и нефтегазоносность./ Ф.А. Рахимов, Мавлони С.Р. // Материалы Международной научно-практической конференции «К.И.Сатпаев и науки о Земле»,(12-апрели 2024 год) -Алматы, - 2024. - С. 267-269.

[13-А] Рахимов Ф.А. Использование инновационных технологий при поиске и разведке нефтяных и газовых месторождений в Республике Таджикиста /**Ф.А.Рахимов,** С.Р. Мавлони // Тр. Международной научно-практической конференция посвящённой «100 летиюМирходжаева Исмаила Мирходжаевича-заслуженного деятеля науки и техники Узбекистана, Лауреата Государственной Премии имени А.Р.Беруни». (4-7 мая 2025 год) Ташкент, 2025. - С.326-330.

[14-А] Рахимов Ф.А. Историческое и современное состояние геолого-геофизической изученности Ферганской впадины / **Ф.А. Рахимов,** С.Р. Мавлони// Международной научно-практической конференция. «2025 году Международному году сохранения ледников» Тр. ИГССС Вып.9. 2025 – С.211-216

[15-А] Рахимов Ф.А. Афгано-таджикский нефтегазоносный бассейн: бурения скважин в условиях аномально-высоких давлений и температур./ С.Р. Мавлони, **Ф.А.Рахимов,** М.Р. Рахимбекова // Международной научно- практической конференция «Нефтегазоносность и геоэкологические проблемы Каспийского региона».(4-5 декабря, 2024 год) Баку, 2024. - С.268-271.

[16-А] Рахимов Ф.А. «Тектонические и литолого-фациальные критерии прогноза нефтегазоносности меловых отложений Западной Ферганы»./**Ф.А.Рахимов** // Конференцияи илми назарияви «Нақши олимони ҷавон дар рушди илм, инноватсия, иқтисоди рақамӣ ва таҳкими давлатдории миллӣ». - Душанбе: АМИТ, май 2025. - С. 332–335

РЎЙХАТИ САРЧАШМАҲОИ ИСТИФОДАШУДА

Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва сарчашмаҳои расмӣ

31. Закон Республики Таджикистан «Об охране окружающей среды» от 10.08.2011. № 769.-18 с.

32. Закон Республики Таджикистан «О недропользовании для добычи полезных ископаемых» от 26.12.2013. № 1045. - 29 с.

33. Программа по развитию нефтегазового сектора Республики Таджикистан на 2021–2025 гг. — Душанбе, 2021.-39 с.

Сарчашмаҳои илмӣ

34. Абидов А.А. Каломазов Р.У. Критерии выделения нового элемента при тектоническом районировании Ферганской впадины и определение дальнейших направлений геологоразведочных работ в ее пределах. // Геология и перспективы нефтегазоносности Узбекистана. - Ташкент: ИГИРНИГМ, - Вып. 80. 2001.- С. 25-35.

35. Абих Г.В. Геологические исследования в Кавказском крае. — Тифлис: Типография Канцелярии Наместника, 1980. -214 с.

36. Абдуллаев Г.С. Надежная сырьевая база углеводородов - основа для привлечения иностранных инвестиций в нефтегазовую отрасль Республики Узбекистан // Узбекский журнал нефти и газа. - Специальный выпуск. – 2013. - С. 53-61.

37. Акрамходжаев А.М. Литология нефтегазоносных меловых отложений Ферганской депрессии. Изд-во АН Узб ССР, Ташкент,1960.- 427 с.

38. Акрамходжаев А.М., Сайдалиева М.С. Ферганский нефтегазоносный бассейн. - М.: Изд-во «Недра». Москва,1981. - 280 с.

39. Акрамходжаев А.М. и др. «Глинистые покрышки залежей нефти и газа мезозойских и палеогеновых отложений Ферганской впадины». Издательство «ФАН». Ташкент, 1977,- С. 54-67.

40. Бабаев А.Г. Стратиграфия меловых отложений Ферганской впадины // Труды Института геологии Узбекской ССР. - Вып. X. - 1990. - С. 12–47.

41. Богдасаров Н.С., Петров В.С. Сейсмическое изучение антиклиналей западной части Ферганской впадины // Труды Узбекского геофизического треста. — Ташкент. — Вып. 7. 1992. -С. 25–39.

42. Вялов О.С. Типы разрезов меловых отложений Ферганы. ДАН СССР, т. XLIX, № 4, 1995. -С. 129-138

43. Гулев В.Л. Геологоразведочные работы на нефтегазоносных площадях Южного Таджикистана // Горный журнал. – 2009. - № 8. - С. 21-22

44. Габрильян А.М. Литология, палеогеография и вопросы нефтегазоносности верхнемеловых и палеогеновых отложений Ферганской депрессии. - Ташкент: Изд-во АН Уз.ССР, 1977. – 397с**.**

45. Жураев М.Р., Джураев Р.Э. Распространение сероводородных вод по площади Северного Сохского нефтегазоносного месторождения. // Вестник Воронежского государственного университета. Геология. Вып.2. -2014. - С. 133-140.

46. Иванов Ю.А. Геофизические методы изучения тектоники Ферганской впадины. - Ташкент: Фан, 1978. – С. 166-174

47. Кузьмин Ю.О. Парадоксы сопоставительного анализа измерений методами наземной и спутниковой геодезии в современной геодинамике // Физика Земли. 2017. № 6. - С. 24–39

48. Кухтиков М.М. О так называемой геологической границе между Памиром и Алаем – Тянь-Шанем. – Уч. Зап. Тадж. Гос ун-та, т. 6. Тр. Фак. Естеств. Наук, вып.1.- 1985. - С. 45-49

49. Мамаджанов Х.М. Коллекторские свойства продуктивных горизонтов разведочных площадей Производственного объединения «Таджикнефть». Отчет по теме 87.36.26.78, том 1, 1979.- С.165-171

50. Наливкин Д.В. Геологическое строение и история развития Ферганской долины // Труды Среднеазиатского геологического управления. — Ташкент: Узгеолтехиздат, - Вып. 12. 1970. - С. 15–38

51. Нугманов А.Х. О нефтегазоносности осадочных пород Ферганской депрессии // Узбекский геологический журнал. - 1962. - № 3.- С. 27-36

52. Нурматов М.Р., Халисматов И.Х., Урманов А.Х., Абидов Х.А. «Перспективы нефтегазоносности палеозойских отложений юга Ферганского региона в свете новых геолого-геофизических данных». ТГТУ, Ташкент, «Фан ва технология», 2018. – С. 216-223

53. Рыжков О.А. Тектоника Ферганской впадины и её нефтегазоносность. — М.: Недра, 1964. — С. 110-115

54. Симаков С.Н., Клейнберг В.Г.Тектоника. В кн.: Геологическое строение и нефтеносность Ферганы // Тр. ВНИГРИ. Вып. 110, Л.: Гостоптехиздат, 1977.- С. 249–276

55. Страхов Н.М. Основы теории литогенеза. Том III. Закономерности состава и размещения аридных отложений. Изд-во Академии наук СССР, Москва, 1962.- С. 117-126

Диссертация ва авторефератҳо

56. Каломазов Р.У. Особенности геологического строения и условий формирования локальных складок Северного Таджикистана в связи с оценкой перспектив нефтегазоносности. Дис. ... канд. геол.-минер. наук. Ташкент, 1971. -97с.

57. Поршняков Г.С. Фациальный анализ и тектоника нефтегазоносных структур Западной Ферганы. Автореф. дис. канд. геол.-мин. наук. - Москва, 1970. – С.30-34

Сарчашмаҳои интернетӣ

58. Petroleum Resources Management System (PRMS) / Society of Petroleum Engineers (SPE). –https://www.spe.org/en/industry/terms-used-petroleum-reserves-resource-definitions/.

Маводҳои фондӣ

59. Колпаков А.М. Гравиметрическая съёмка Ферганской впадины масштаба 1:200 000 — Ташкент: Среднеазиатское геол. упр., -1979. — 45с.

60. Миробидов О.М. Отчет. Результаты структурного бурения на площади Селроха за 1986–1987 гг. Книга I. Год 1989. - 119с.

АННОТАТСИЯ

ба автореферати диссертатсияи Раҳимов Фируз Абдураҳмонович дар мавзуи «Меъёрҳои литологӣ-фатсиалӣ, палеогеографӣ ва сохторию тектоникии нафтугаздории таҳшинҳои табошири Фаргонаи Ғарбӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.28. Геология, ҷустуҷӯ ва иктишофӣ конҳои нафт ва газ

Калидвожаҳо: меъёрҳои литологӣ-фатсиалӣ, палеогеографӣ, шароитҳои сохторӣ-тектоникӣ, Фарғонаи Ғарбӣ, таҳшинҳои табоширӣ, ҳавзаҳои табиӣ, уфуқҳои маҳзанӣ.

Шароитҳои мураккаби седиментогенез ва сохтори кандашудаи-блокии таҳшинҳои табоширӣ ҳавзаи Фарғонаи Ғарбӣ бо таҳаввулоти таърихӣ-генетикии ҳавза зич алоқаманданд. Дар шароити камшавии захираҳои қабатҳои палеогенӣ, таҳлили маҷмӯии маълумоти чоҳҳо, иктишофӣ сейсмикӣ ва геофизикӣ барои муайян кардани қонуниятҳои ташаккули маҳзанҳо ва моеъбандҳо самти афзалиятнок ба шумор меравад.

Омӯзиши маҷмӯии миёрҳои литологӣ-фатсиалӣ ва сохторӣ, инчунин дақиқ намудани модели геологияи нафту газ имкон медиҳад, ки хавфҳои геологӣ ҳангоми пармакунии чоҳҳои ҷустуҷӯӣ-иктишофӣ коҳиш дода шаванд. Кам омӯхта шудани маҷмӯи таҳшинҳои табошир дар заминаи коҳишёбии истихроҷи карбогидридҳо дар минтақа, боздорандаи тавсеа ва пурракунии заминаи ашёи хоми минералии ҷумҳурӣ мебошад.

Ҳадафи таҳқиқот баланд бардоштани эътимоднокии пешгӯии минтақавӣ ва маҳаллии нефтегазонокии таҳшинҳои табоширӣ ҳавзаи Фарғонаи Ғарбӣ барои асосноккунии объектҳои дурнамодори корҳои ҷустуҷӯӣ-иктишофӣ мебошад.

Вазифаҳои таҳқиқот:

- таҳияи нақшаи ноҳиябандии литологӣ-фатсиалӣ ва палеогеографӣ;
- муайян кардани нақши равандҳои тектоникӣ дар ташаккули морфологияи сохторҳои чиндор ва таъсири онҳо ба ҷойгиршавии конҳо;
- тасниф ва муайян кардани қонуниятҳои паҳншавии ҳавзаҳои табиӣ;
- мунтазамсозии номгӯй ва коррелятсияи 16 уфуқи маҳзании давраи табошир;
- арзёбии маҷмӯии дурнамои нефтегазонокии ошёнаи сохтории табошир.

Навоварии илмӣ. Дар асоси усулҳои таҳлилӣ, маълумоти пармакунии амиқ ва таҳқиқоти лабораторӣ кернҳо бори аввал:

- харитаи муосири сохторӣ-тектоникии сатҳи таҳшинҳои табошир минтақа сохта шуд;
- вобастагии мустақими таркиби литологӣ ва хосиятҳои филтратсионӣ-ғунҷоишии маҳзанҳо барои пешгӯии уфуқҳои дорои ғунҷоиши баланд муайян карда шуд;
- таснифи ҳавзаҳои табиӣ гузаронида шуда, коррелятсияи уфуқҳои маҳзании давраи табошир ичро гардид;
- нақшаи муфассали ноҳиябандии литологӣ-фатсиалӣ ва палеогеографии маҷмуи терригенӣ-карбонатии табоширӣ таҳия карда шуд;
- се минтақаи сохторӣ-тектоникӣ ҷудо карда шуда, дар ҳудуди минтақаи ҷанубӣ як қатор афроштаҳо, ки объектҳои аввалиндараҷа барои ҷустуҷӯи карбогидридҳо мебошанд, ошкор карда шуданд.

Тавсияҳои амалӣ. Харитаҳои пешгӯии таҳияшуда, нақшаҳои маҳаллисозии сохторҳо ва минтақаҳои паҳншавии маҳзанҳо метавонанд мустақиман аз ҷониби корхонаҳои геологӣ-ҷустуҷӯӣ барои беҳсозӣ пармакунии чоҳҳои ҷустуҷӯӣ-параметрӣ ва таъмини афзоиши заминаи захираҳои карбогидридҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шаванд.

АННОТАЦИЯ

к автореферату диссертации Рахимова Фируза Абдурахмоновича на тему «Литолого-фациальные, палеогеографические и структурно-тектонические критерии нефтегазоносности меловых отложений Западной Ферганы» на соискание ученой степени кандидата геолого-минералогических наук по специальности 1.6.28. Геология, поиски и разведка нефтяных и газовых месторождений

Ключевые слова: литолого-фациальные критерии, структурно-тектонические условия, Западная Фергана, меловые отложения, природные резервуары, коллекторские горизонты.

Сложные условия седиментогенеза и разломно-блоковое строение меловых отложений Западной Ферганы тесно связаны с историко-генетической эволюцией бассейна. В условиях истощения палеогеновых залежей приоритетным направлением является комплексный анализ буровых, сейсмических и геофизических данных для определения закономерностей формирования коллекторов и флюидоупоров.

Комплексное изучение литолого-фациальных и структурных критериев, а также уточнение нефтегазогеологической модели позволят снизить геологические риски при поисково-разведочном бурении. Слабая изученность мелового комплекса на фоне снижения добычи в регионе сдерживает восполнение минерально-сырьевой базы республики.

Целью исследований является повышение достоверности зонального и локального прогноза нефтегазоносности меловых отложений Западной Ферганы для обоснования перспективных объектов поисково-разведочных работ.

Задачи исследований:

- разработка схемы литолого-фациального и палеогеографического районирования;
- выявление роли тектонических процессов в формировании складчатых структур и размещении залежей;
- типизация и определение закономерностей распространения природных резервуаров;
- систематизация номенклатуры и корреляция 16 коллекторских горизонтов мела;
- комплексная оценка перспектив нефтегазоносности мелового структурного этажа.

Научная новизна. На основе аналитических методов, данных глубокого бурения и лабораторных исследований керна впервые:

- построена современная структурно-тектоническая карта по кровле меловых отложений региона;
- установлена взаимосвязь литологического состава и фильтрационно-емкостных свойств коллекторов для прогноза высокоемких горизонтов;
- проведена типизация природных резервуаров и выполнена корреляция коллекторских горизонтов мела;
- разработана детальная схема литолого-фациального и палеогеографического районирования терригенно-карбонатного комплекса;
- выделены три структурно-тектонические зоны и обнаружена серия палеоподнятий в южной зоне, являющихся первоочередными объектами для поисков углеводородов.

Практические рекомендации. Разработанные прогнозные карты, схемы локализации структур и зоны развития коллекторов могут непосредственно использоваться геологоразведочными предприятиями для оптимизации поисково-параметрического бурения и обеспечения прироста ресурсной базы углеводородов Республики Таджикистан.

ABSTRACT

of the PhD Dissertation by Firuz Abdurakhmonovich Rakhimov on the topic "Lithofacies, Paleogeographic, and Structural-Tectonic Criteria for Oil and Gas Potential of Cretaceous Deposits in Western Fergana" for the degree of Candidate of Geological and Mineralogical Sciences, Specialty 1.6.28. Geology, Search, and Exploration of Oil and Gas Fields

Keywords: lithofacies criteria, structural-tectonic conditions, Western Fergana, Cretaceous deposits, oil and gas potential forecast.

The complex conditions of sedimentation and the fault-block structure of the Cretaceous deposits in Western Fergana are closely related to the historical and genetic evolution of the basin. Given the depletion of Paleogene pools, a comprehensive analysis of well, seismic, and geophysical data is a high priority to determine the regularities of reservoir and seal formation.

A comprehensive study of lithofacies and structural criteria, alongside the refinement of the petroleum geological model, will reduce geological risks during exploratory drilling. The insufficient state of knowledge of the Cretaceous complex, against the background of declining regional production, constrains the expansion and replenishment of the Republic's mineral resource base.

The aim of the research is to improve the reliability of zonal and local forecasts of the oil and gas potential of Cretaceous deposits in Western Fergana to justify promising targets for exploration works.

Research objectives:

- to develop a scheme of lithofacies and paleogeographic zoning of the study area;
- to identify the role of tectonic processes in shaping the morphology of folded structures and their impact on pool distribution;
- to classify natural reservoirs and determine the regularities of their spatial distribution;
- to systematize the nomenclature and perform the correlation of 16 Cretaceous reservoir horizons;
- to provide a comprehensive assessment of the oil and gas potential of the Cretaceous structural stage.

Scientific novelty. Based on analytical methods, deep drilling data, and laboratory core analysis, for the first time:

- a modern structural-tectonic map for the top of the Cretaceous deposits of the region has been constructed;
- a direct relationship between lithological composition and reservoir properties has been established to forecast high-capacity horizons;
- a classification of natural reservoirs has been conducted and a correlation of Cretaceous reservoir horizons has been performed;
- a detailed scheme of lithofacies and paleogeographic zoning of the terrigenous-carbonate complex of the Cretaceous period has been developed;
- three structural-tectonic zones have been identified, and a series of paleouplifts, which are primary targets for hydrocarbon exploration, have been discovered within the southern zone.

Practical recommendations. The developed prognostic maps, structural localization schemes, and identified reservoir development zones can be directly utilized by geological exploration enterprises to optimize search and parametric drilling programs and ensure the growth of the hydrocarbon resource base of the Republic of Tajikistan.